СИЛСИЛАИ 15-МИ НАШРИЁТИ ҒАЙРИДАВРӢ

# *НАЗАРИ ИСЛОМ ОИДИ РУШД ДАР ПАРТАВИ МАҚОСИДИ ШАРИАТ*

МУҲАММАД УМАР ЧАПРА

# НАЗАРИ ИСЛОМ ОИДИ РУШД
# ДАР ПАРТАВИ *МАҚОСИДИ ШАРИАТ*


Муҳаммад Умар Чапра

Мушовири илмии институти илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимии
Гурӯҳи бонки исломии рушд дар ҷидда



Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ (IIIT)

*Бишкек 2023*

УДК 297
ББК 86.36-5
М 92

**Назари ислом оиди рушд дар партави**
**Мақосиди шариат (Tajik)**
*Муҳаммад Умар Чапра*
*Силсилаи 15-ми нашриёти ғайридаврӣ*

© Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ (IIIT)
1444 AH / 2023 CE
ISBN 978-9967-08-995-2 *paperback*

**The Islamic Vision of Development**
**in the Light of Maqasid Al-Sharia (Tajik)**
*Muhammad Umer Chapra*
*Occasional Paper Series 15*

© The International Institute of Islamic Thought (IIIT)
1429 AH / 2008 CE
ISBN 978-1-56564-441-0 *paperback*
IIIT
P. O. Box 669
Herndon, VA 20172, USA
www.iiit.org

Тарҷумон: Мирзоев Насим Шарафович
Муҳаррир: Мирзоев Ҷовид Шарафович
Муҳаррири фаннӣ: Байчабаева Элмира Наринбековна
Саҳифабанд: Кекенова Нарбегим Бейшембековна

Ин китоб аз ҷониби Идораи дини мусулмонони Қирғизистон тасдиқ шудааст. № 146

Китоб аз ҷониби Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ нашр шудааст.

Бознашри ин китоб ё бахши он бе иҷозати хаттии Муассиса мамнӯъ аст. Фикру андешаҳое, ки дар ин китоб баён шудаанд, аз они муаллифанд ва метавонанд нуқтаи назари ношир, тарҷумон ва муҳарриронро инъикос накунанд.

Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз аст
ISBN 978-9967-08-995-2
УДК 297
ББК 86.36-5

# ФЕҲРИСТ


*Муқаддима* 5
*Мақосиди шариат (расми 1)* 8

**ФАСЛИ ЯКУМ:**
ТАҚВИЯТИ НАФСИ ИНСОН (РАСМИ 2) 11

*1. Шаъну шараф, иззати нафс, бародарӣ ва баробарии иҷтимоӣ 11*
*2. Адолат 15*
*3. Пешрафти маънавӣ ва ахлоқӣ 17*
*4. Ҳифзи ҷон (нафс), мол ва обрӯ 17*
*5. Озодӣ 17*
*6. Таълим 19*
*7. Ҳукуматдории хуб 19*
*8. Решакан кардани фақр ва бароварда сохтани талабот 20*
*9. Ҷойҳои корӣ ва худиштиғолӣ 21*
*10. Тақсими одилонаи даромад ва дороӣ 22*
*11. Издивоҷ ва ҳаёти оилавии устувор 23*
*12. Оила ва ҳамбастагии иҷтимоӣ 23*
*13. Коҳиши сатҳи ҷиноёт 24*
*14. Хотири ҷамъ ва хушбахтӣ 24*

**ФАСЛИ ДУЮМ:**
ТАҚВИЯТИ ДИН ВА ТАКМИЛИ АҚЛ, НАСЛ ВА МОЛ 25

*1. Тақвияти дин (Расми 3) 25*
*1.1. Ҷаҳон аз дидгоҳи дин 25*
*1.2. Арзишҳо 28*
*1.3. Ҳавасмандгардонии муносиб 29*
*1.4. Таълим 30*
*1.5. Муҳити мусоид барои некӣ ва ҳамбастагии оилавӣ ва иҷтимоӣ 31*
*1.6. Нақши давлат 32*
*2. Такмили ақл (Расми 4) 34*
*2.1. Таваҷҷуҳ ба мақосид ҳангоми тафсири матнҳо 35*

*2.2. Заруррати таълими динӣ ва илмӣ дар сатҳи баланд* 37
*2.3. Талаботи дигар* 38

*3. Такмили насл (Расми 5)* 38
*3.1. Рушди ахлоқӣ* 38
*3.2. Тарбияи дуруст ва саломатии оила* 39
*3.3. Рушди зеҳнӣ* 40
*3.4. Қонеъ гардонидани талабот ва муҳити солим* 41
*3.5. Озодӣ аз тарс, низоъҳо, ноамнӣ ва бори гарони қарз* 41

*4. Рушд ва густариши мол (Расми 6)* 42

**ХУЛОСА (РАСМИ 7)** **46**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** **48**

# МУҚАДДИМА

Ҳадафи ниҳоии тамоми таълимоти исломӣ раҳмат ва ғамхорӣ ба насли башар аст. Ин ҳамон ҳадафи асосиест, ки Паёмбари Худо (с) барои иблоғи он ба ин дунё фиристода шуд. Худованд мефармояд: “Ва нафиристодем туро ҷуз он, ки ба мардуми ҷаҳон раҳмате арзонӣ дорем” (Анбиё, 107).[2] Ягона роҳи расидан ба ин ҳадаф, ҳамагонӣ карданӣ *фалоҳ*[3] аст, яъне рафоҳияти воқеӣ ба ҳама инсонҳои рӯи замин, новобаста аз нажод, ранг, синну сол, ҷинс ва миллат.[4] Вожаи "*фалоҳ*" ва муштақоти он дар Қуръони карим 40 маротиба истифода шудааст. Вожаи дигаре, ки муродифи вожаи "*фалоҳ*" аст, ва муштақоташ 29 маротиба зикр шудааст. *Фалоҳ* инчунин ҳамон ҳадафест, ки муаззини намоз рӯзона панҷ маротиба муъминонро ба он фаро мехонад ва ин худ аҳамияти *фалоҳро* аз дидгоҳи ҷаҳонии Ислом барҷаста месозад.

Шояд баъзеҳо ин ҷо истидлол кунанд, ки *фалоҳ* на танҳо ҳадафи дини Ислом, балки ҳадафи тамоми ҷомеаҳои башарӣ аст. Бале, назари онҳо қабул аст. Миёни ҷомеаҳои башарии дунё дар бораи ин, ки ҳадафи асосии рушд таҳкими фалоҳи башар аст, ихтилофи назар вуҷуд надорад, аммо он, чӣ ин ҷо мавриди ихтилоф ва лозим ба ёдоварист, ин аст, ки барои расидан ба фалоҳи ҳақиқӣ ба таври доимӣ дунболагирӣ кардани он аст. Агар биниши нобе, ки тамоми динҳо аз он бархӯрдоранд, бар дидгоҳи ҷомеаи ҷаҳонии ҳар як *дин* ҳоким мебуд, чунин ихтилоф ва дидгоҳе сурат намеригифт.[5] Дар ҳар сурат, ин дидгоҳ дар тӯли асрҳо хеле таҳриф шудааст. Илова бар ин, таъсири дидгоҳи дунявӣ (секулярӣ) ва моддии (материалистӣ) ҷунбишҳои равшангаро дар садаҳои 17 ва 18 бар қишрҳои мухталиф дар саросари ҷаҳон гуногун буд. Ҳамин гуна, меъёр ва ченаки асосии рушд афзоиши даромад ва сарват шуд. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё дастёбӣ ба фалоҳи ҳақиқӣ ва пойдории он ба афзоиши даромад ва сарват ва таъмини ниёзҳои моддии инсон марбут аст? Бисёре аз уламои *дин*, файласуфони ахлоқ ва шумо-

ре аз донишмандони муосир дар бораи марбут будани фалоҳи башарият ба афзоиши даромад ва сарват таҷдиди назар кардаанд.[6] Онҳо аҳамияти ҷанбаҳои рӯҳӣ ва ғайримоддӣ дар ростои расидан ба фалоҳи башариятро тавзеҳ намуданд.

Таҳқиқоти таҷрибавӣ низ тарҷеҳ додани лавозимоти моддӣ бар лавозимоти равонӣ ва ғайримоддиро дар мавриди дастёбӣ ба фалоҳи башарият инкор менамояд. Агарчи пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ даромади воқеии чанд кишвар ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, шаҳодатҳои шахсии аҳолии онҳо нишон медиҳад, ки фалоҳи инсонҳо на танҳо устувортар нашуда, балки рӯ ба коҳиш овардааст.[7] Хушбахтӣ дар ҳоле ба афзоиши даромад вобаста мегардад, ки дигар талаботи ҳаётан муҳим бароварда шаванд.[8] Саодат ва хушбахтӣ дар ҳолате нисбатан устувор мемонад, ки талаботи дигаре, ки барои афзоиши *фалоҳ* лозиманд, бароварда шаванд.

Пас он талаботи дигар чи ҳастанд? Аксарияти ин талабот табиатан маънавӣ ва ғайримоддӣ ҳастанд, ва дар сурати зиёд шудани даромад ҳам бароварда сохтани онҳо имконнопазир аст. Ҳатто дар сурати исрор варзидан бар аҳамияти сарват мумкин аст барои бароварда сохтани онҳо осеб бирасад. Бо ин вуҷуд, иқтисоддонон тасмим гирифтаанд, ки дар умум ин ниёзҳоро мавриди баҳс қарор надиҳанд. Далели худдорӣ варзидан дар ин бора ин аст, ки талаботи маънавӣ ва ғайримоддӣ аҳкоми арзишмандеро доро ҳастанд, ки наметавон онҳоро муайян кард. Ба ҳар ҳол, чун онҳо муҳиманд, наметавон онҳоро нодида гирифт.

Муҳимтарин ниёзҳои маънавӣ ва ғайримоддӣ барои расидан ба фалоҳи башарият оромиш ва саодати ақлӣ аст, ки бо афзоиши даромад ва сарват ба даст намеояд. Оромиш ва саодати маънавӣ, дар навбати худ, ба бароварда сохтани як чанд эҳтиёҷоти дигар ниёз дорад, ки муҳимтарини онҳо адолат ва бародарии инсонӣ мебошанд, ки муносибати якрангро нисбати ҳамаи одамон (новобаста аз нажод, ранг, синну сол, ҷинс ва миллат) ва тақсими одилонаи меваҳои рушдро байни ҳамагон металабанд. Рӯҳияи баланди маънавӣ ва ахлоқӣ, ки аз он ба унвони абзори пешбурд истифода мешавад, на танҳо аҳамияти бузурге барои

расидан ба адолат дорад, балки барои баровarda сохтани тамоми ниёзҳо низ аз аҳамият холӣ нест. Талаботи дигаре, ки барои ноил шудан ба фалоҳи башарият низ аз аҳамият холӣ нестанд ва дар умум ба эътибор гирифта мешаванд, зиндагии солим, доройӣ, шаъну шараф, озодии шахс, тарбияи ахлоқӣ ва моддӣ, издивоҷ, тарбияи дурусти фарзанд, оила, ҳамбастагии иҷтимоӣ, коҳиш додани хусумату танишҳо ва ҷиноятҳо мебошанд. Ҳарчанд бархе аз ин талабот ҳоло ҳамчун намунаи нави рушд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд, ҳанӯз бунёди маънавии лозим барои иҷрои ин талабот мавриди таваҷҷуҳи зарурӣ қарор нагирифтааст. Бе пурра баровarda сохтани ҳамаи ин талабот мумкин аст рушду тавсеаи дарозмуддати ҷомеа имконпазир набошад.

Гарчанде Ислом афзоиши даромад ва сарват тавассути рушдро як масъалаи муҳим барои баровarda сохтани талаботи асосӣ ва ноил шудан ба адолат дар тақсимот мешуморад, аммо он аз дидгоҳи исломӣ ба танҳои наметавонад сабаби асосӣ барои расидан ба як фалоҳи фарогир бошад. Баровarda сохтани талаботи маънавӣ ва ғайримоддӣ на танҳо барои расидан ба фалоҳи ҳақиқӣ зарур аст, балки барои рушди иқтисодии устувор ва дарозмуддат низ муҳим мебошад. Агар ба ҳама ниёзҳои моддӣ ва маънавӣ бо ҳам аҳамият дода нашавад, номутаносибӣ дар роҳи расидан ба фалоҳи ҳақиқӣ боқӣ хоҳад монд, ки дар ниҳоят боиси пошхӯрии тамаддун ва шикасти ҷомеа хоҳад шуд. Баровarda сохтани ҳамаи талабот яке аз асоситарин ҳуқуқи башар аст, ки дар адабиёти исломӣ аз он ба унвони *мақосиди*[9] шариат ёд шуда ва аз ин пас танҳо ба унвони *мақосид* ёд хоҳад шуд. Дар ин чанд саҳифа саъй шудааст, то моҳияти *мақосид*, чигунагии иртиботи онҳо бо якдигар, мазмун ва саҳми онҳо дар дастёбӣ ба фалоҳи воқеӣ равшан гардад.

## (РАСМИ 1)

*Мақосиди шариат* ё дар матни сареҳ дар Қуръони карим ва суннати Паёмбари Худо (с) омадааст, ё бархе аз донишмандон онро аз ин ду манбаи шариат истинбот намудаанд.[10] Бештари донишмандоне, ки дар мавриди ҳадафи асосии шариати исломӣ сухан гуфтаанд, онро дар *ҷалби масолеҳ*[11] ва *дафъи мафосид*[12] барои тамоми башарият медонанд.[13]

Имом Абу Ҳомиди Ғазолӣ (1058 — 1111), яке аз бузургтаринислоҳкорони асри XI-XII, ба таснифи *мақосид* дар панҷ маҷмӯа пардохтаст. Ӯ *мақсади* шаръ аз офаринишро дар панҷ чиз медонад: ҳифзи *дин*, *нафс*, *ақл*, *насл* ва *мол*. Ҳар чизе, ки кафили ҳифзи ин панҷ асл бошад, *маслиҳат* аст ва ҳар чизе, ки сабаби нобуд шудани он бошад, *мафсада* аст.[14]

Дар матни мазкур Имом Ғазолӣ ба ҳифзи *мақосиди* панҷгона (яъне *дин*, *нафс*, *ақл*, *насл* ва *мол*) аҳамияти бузург додааст ва Имом Абу Исҳоқи Шотибӣ (1320 — 1388) қариб се аср пас аз Имом Ғазолӣ *мақосиди* панҷгонаи ӯро эътироф кардааст. Аммо инҳо на ҳама *мақосиде* ҳастанд, ки ҳадафи онҳо таъмини фалоҳи инсон аз роҳи риояи ҳуқуқи ӯ ва конеъ гардонидани тамоми ниёзҳояш мебошад. Мақосиди зиёди дигаре низ вуҷуд доранд, ки дар Қуръони карим ва суннати Паёмбар ба он ишора шудааст ва ё донишмандон аз ин ду масдар онҳоро истинбот намудаанд. Бинобар ин, метавон ҳадафҳои панҷгонаро *мақосиди аслӣ* ва дигар ҳадафҳоеро, ки ба он ишора хоҳад шуд, *мақосиди тобеъ* шумурд. Дастёбӣ ба *мақосиди тобеъ* низ амри зарурист, зеро расидан ба *мақосиди аслӣ* бидуни онҳо метавонад душвор бошад. Асли фиқҳии машҳур ин аст, ки «Васоит ҳукми мақосидро доранд», ва ҳукми маъруфи фиқҳӣ мегӯяд: "Он чизе, ки амри воҷиб бе он иҷро намешавад, воҷиб аст».[15] Шояд бархе *мақосиди тобеъ* дар кӯтоҳмуддат аҳамияти камтаре аз дигар *мақосид* дошта бошанд, аммо нарасидан ба онҳо дар дарозмуддат мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии хатарнокеро ба дунбол дорад. Афзун бар ин,

мумкин аст *мақосиди тобеъ* бо гузашти замон ба густариш ва тағйири худ идома диҳанд. Сарват ва нишоти Қуръони карим ва суннати Паёмбар бояд ба мо имкон диҳанд, ки *мақосиди* тобеаро ба қадри зарурӣ тавсеа ва густариш диҳем, то бовар ҳосил шавад, ки ба ҳама ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳи кофӣ шуда ва ниёзҳои гуногуни ӯ қонеъ гардонида шудаанд.

Агар мо аз паси таъмин ва пойдории рушд ва расонидани мардум ба *фалоҳ* ҳастем, пас набояд фикр кунем, ки вожаи "ҳифз", ки аз матни каломи Имом Ғазолӣ иқтибос шуда буд, ногузир ба маънои ба ҳоли худ гузоштани *мақосиди* ба даст омада аст. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳифзи ҳолат пас аз расидан ба авҷи худ ҳосил мешавад. Агар он берун аз тавони қудрати башар дар ин дунё бошад, пас ҳамеша роҳе барои пешрафт вуҷуд дорад. Таҷрубаи таърих нишон медиҳад, ки набудани пешрафти доимӣ дар дастёбӣ ба *мақосид* бо ҳаракат дар як масири мусбат мумкин аст пойдории ҷомеа дар ростои *фалоҳро* дар дарозмуддат номумкин созад ва вазъ ба рукуди иқтисодӣ расад, ки саранҷоми он фурӯпошӣ аст. Шоир ва файласуфи шарқ Аллома Мухаммад Иқболи Лоҳурӣ дар як шеъре, ки онро ба форсӣ сурудааст, чунин ишора намудааст: "Модоме, ки ман дар ҳаракатам, пас ман ҳастам, ва чун ҳаракат накунам, ман нестам".

Бинобар ин, бояд дар ҷиҳати ғанисозӣ ва пайгирии доимии *мақосиди аслӣ* талош кард, ба гунае, ки пешрафти доимӣ ба сӯи *фалоҳ* ва муқобилаи он бо эҳтиёҷоти мутағайир ва талаботи муҳит на танҳо барои чанд кас, балки барои тамоми ҷомеаи башарӣ таъмин шавад, то ҳар фард тавонад барои ояндаи беҳтаре қадам бардорад. Шояд чунин ғанисозӣ душвор гардад, агар мо фақат бар доираи талаботе, ки фақеҳони гузашта онро мавриди баҳс ва муноқиша қарор дода буданд, такя кунем, зеро замона ва талабот дигар шудаанд. Бинобар ин, мо бояд мақосидро бар шароити замони худ мавриди баҳсу баррасӣ қарор диҳем.

Агарчи *мақосиди* асосии панҷгона ба таври куллӣ аз ҷониби фақеҳони дигар пазируфта шуда бошад ҳам, онҳо аз тартиби Имом Ғазолӣ пайрави накардаанд.[16] Ҳатто Шотибӣ низ ба он тартиб, ки Имом Ғазолӣ пайрави мекард, пойбанд набуд.[17] Дале-

ли пойбанд набудани фақеҳон ба тартиби Ғазолӣ ин аст, ки худи тартиби (ҷадвали) Ғазолӣ баҳс ва munoқиша металабад. Барои мисол, Фахриддини Розӣ (1149 — 1209), ки худ яке аз фақеҳони барҷастаи исломӣ аст, бо гузашти садсолаҳо пас аз Имоми Ғазолӣ нафси инсонро дар мақоми аввал қарор медиҳад. Баҳсу муноқиша перомуни рушди пойдор ба сабабҳои содае мантиқитар ба назар мерасад, ба ин далел, ки инсон ба унвони *халифаи* Худованд дар замин аст ва ҳадафи рушд ва абзори он худи инсон аст.[18] Худи инсон аст, ки пешрафт ва суқутушро месозад, чуноне, ки Қуръони карим бисёр зебо мефармояд: "Ҳароина, Худо чизеро, ки аз они мардумест, дигаргун накунад, то он мардум худ дигаргун шаванд" (Раъд, 11). Ҳадафи шариат кумак ба мардум барои ислоҳи онҳо ва ниҳодҳоест, ки бар онҳо таъсир мегузоранд. Бинобар ин, агар худи инсонро дар рутбаи нахуст гузорем, метавонем аҳдофи шариатро ба монанди Расми 1 нишон диҳем.

***Расми 1:*** *Мақосиди шариат. Рушд ва фалоҳи инсон бо фароҳам овардани ҷанбаҳои панҷгонаи зер барои ҳар як фарди ҷомеа ба даст меояд:*



# ФАСЛИ ЯКУМ

## ТАҚВИЯТИ НАФСИ ИНСОН (РАСМИ 2)

Бинобар ин, ки тақвият ва пурзӯр сохтани нафси инсон яке аз панҷ ҳадафи шариат аст, бояд чигунагии дастёбӣ ба он мушаххас шавад. Барои ҳамин, бояд талаботи асосии мардум муайян карда шавад, на танҳо барои бардоштани сатҳи пешрафт ва фалоҳи онҳо, балки барои ин, ки нақши ҷонишинии худ дар заминро босамар анҷом диҳанд. Талаботе, ки метавон онро талаботи тобеи ҳадафи асосӣ, яъне тақвияти нафси инсон, номид, ба таври возеъ ё ишора дар Қуръони карим ва суннати Паёмбар омадааст ва фақеҳон онро ба тафсил зикр намудаанд. Қонеъ гардонидани ин талабот метавонад сатҳи ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва ақлиро бардорад ва зарфияти фаннии наслҳои имрӯз ва ояндаро иртиқо бахшад ва ин гуна пойдории *фалоҳро* кафолат кунад.

### *1. Шаъну шараф, иззати* нафс*, бародарӣ ва баробарии иҷтимоӣ*

Шаъну шараф, иззати *нафс*, бародарӣ ва баробарии иҷтимоӣ яке аз ҷанбаҳои муҳими ин талабот аст (Расми 2). Ҷаҳонбинии исломӣ дар ин бора бар ин аст, ки фитрати инсон солим ва орӣ аз ҳар гуна нуқсонҳои маънавӣ аст (Рум, 30; Тин, 4), модоме, ки худ онро фосид накардааст.[19] Бинобар ин, вазифаи инсон ҳифзи табиати ҳақиқӣ ва саломатии аслии худ (*фитрат*) аст. Афзун бар ин, Офаридгори ин ҷаҳон инсонро, новобаста аз нажоду рангу синну сол, иззат ва шаъну шараф бахшидааст. Қуръони карим ба таври возеҳ мефармояд: "Мо фарзандони Одамро каромат бахшидем..." (Исро: 70). Инсонро ҳамин ифтихор бас аст, ки Худованд ӯро *халифаи* Худ дар замин қарор додааст (Бакара, 30). Чӣ ифтихор ва шарафе барои инсон бузургтар аз ин аст, ки Офаридгори ҷаҳон ӯро *халифаи* Худ дар замин қарор додааст? Аз он ҷо, ки ҳамаи инсонҳо ҷони-

шини Худованд дар замин ҳастанд, бояд бо ҳам баробар ва бародар бошанд. Пас мебояд миёни инсонҳо ҳамзистии мусолиматомез бо таҳаммули зиёд ва ғамхории мутақобил барои пешбурди фалоҳи умумиҷаҳонӣ тавассути истифодаи самаранок ва мутаносиби тамоми даромадҳое, ки Худованди мутаол ба онҳо додааст, вуҷуд дошта бошад (Воқеа, 7). Ҳамин гуна муҳити зист бо парандагону ҳайвоноту ҳашароти он барои мо амонат аст ва бояд аз он муҳофизат шавад, то осебе барои насли имрӯза ва оянда нарасад.

Дини Ислом инсонро аз рӯзи таваллуд гунаҳкор намедонад, зеро ин мафҳум зидди иззати инсонӣ ва бегона ба ҷаҳонбинии исломӣ аст. Чаро Худованди бузургу тавоно инсонро гунаҳкор офарад ва бе ин, ки гуноҳе аз ӯ содир шуда бошад, барои абад маҳкум кунад? Назарияи "гуноҳи нахустин" нишон медиҳад, ки гуноҳ метавонад ба наслҳои баъдӣ интиқол ёбад ва ҳар фарде дар ҳоле ба дунё меояд, ки гуноҳони дигаронро бар дӯш дорад. Агар «наҷотдиҳандае» вуҷуд дорад, ки одамро аз гуноҳе, ки аз ӯ содир нашудааст, раҳо кунад, пас чаро ӯ бояд ин қадар дер ояд, на аз нахустин рӯзи офариниши инсон дар замин? Агар инсон гунаҳкор ба дунё омадааст, пас чаро вай дар бораи амалҳояш пурсида шавад?

Аз ин ҷо бармеояд, ки назарияи "гуноҳи нахустин" бо омӯзиши Қуръони карим, ки ҳар фардро масъули амалҳои худ медонад, мухолиф аст (Анъом, 164; Исро, 15; Фотир, 18; Зумар, 7; Наҷм, 38). Ҳамчунин бо ду сифати Худованд, яъне Раҳмон ва Раҳим, ки вирди забонии ҳамешагии мусулмонон аст, мухолифат дорад. Чӣ гуна Худованд, ки омӯрзиш, меҳрубонӣ ва ҳама сифоти наку хоси Ӯ таолост, инсонро гунаҳкор меофарад? (Аъроф, 180). Ҷои тааҷҷуб нест, ки ҳатто ақлгароён ва романтикҳои асри XIX назарияи гуноҳи нахустинро монанди қариб ҳамаи файласуфони муосир тамоман рад кардаанд.

(Расми 2).


Ҳифзи ҷони инсонӣ
Шаъну шараф, ху дшиносӣ, бародарӣ баро-барии иҷтимоӣ
Адолат
Боло бар-доштани сатҳи ахлоқӣ ва маънавӣ
Ҳифи ҷон, мол ва обрӯ
Озодӣ
Таълим
Ҳукумати хуб
Баро-варда сохтани эҳти-ёҷот
Коҳиш додани ҷиноят ва қо-нунши-канӣ
Такси-моти оди-лонаи даромад ва сар-ват
Изди-воҷ ва тар-бияти дурусти фарзан-дон
Ҳам-баста-гии оилавӣ ва иҷти-моӣ
Коҳиш додани сатҳи ҷино-ёт ва инҳиро-фот
Хуш-бахтии руҳӣ ва эҳсоси амният
Мол
Ақл
Насл
Дин
Фалоҳ

Ҳамин гуна мафҳуми ҷабргароӣ (детерминизм) ва ҳастигароӣ (экзистенсиализм), ки тавассути файласуфони ғарбӣ зери таъсири Ҷунбиши равшангарӣ ба вуҷуд омадааст, ба мафҳуми исломӣ низ мухолифат дорад. Ислом ин ақидаро, ки зиндагии инсон тавассути нерӯҳои моддӣ (Маркс), равонӣ (Фрейд), фитрӣ (Лоренс) ё муҳити зист (Павлов, Уотсон, Скиннер) идора мешавад, намепазирад.[20] Ҷабргароӣ ва масъулияти инсонӣ ду назарияи бо ҳам носозгоранд, зеро ҷабргароӣ на танҳо аз иззат ва кароматии инсонӣ мекоҳад, балки масъулияти инсон дар шароити кунунӣ ва истифодаи ғайрисамаранок ва ғайримуқаррарии даромадҳоро рад мекунад.[21]

Назарияи ҳастигароии Сартр низ, ки муқобили назарияи ҷабргароӣ қарор дорад, барои дини Ислом бегона ва ғайри қобили қабул аст.[22] Ба андешаи Сартр, инсон аз озодии мутлақ бархӯрдор аст ва озодии ӯ танҳо бо ин воқеият маҳдуд мешавад, ки ҳар як вижагии ҳаёти ақлии инсон аз рӯи қасд ва ихтиёри худи ӯст ва масъулияташ ҳам бар дӯши ӯст.[23] Бешубҳа, ин худ такмили дидгоҳи ҷабргароӣ аст. Сартр озодии инсонро мутлақ медонад, ҳама чиз барои ӯ ҷоиз аст ва зиндагияш ҳеҷ маъно ё ҳадафи ниҳоӣ, ҳеҷ арзиши мутаолӣ ё воқеӣ, ҳеҷ қонуни илоҳӣ, идеяи афлотунӣ ё чизи дигаре надорад. Инсонҳо дар ин дунё саргардону навмедона дунболи анҷоми корҳои худ ҳастанд. Сартр ба ин назар аст, ки ягона арзиши инсонӣ ба таври мутлақ озод будани худи ӯст. Набояд ҳеҷ тавҷеҳи берунӣ ё объективӣ барои арзишҳое, ки ҳар фард интихоб мекунад, вуҷуд дошта бошад.[24] Ҳамин гуна ҳеҷ роҳе барои тавофуқ бар сари арзишҳои муштарак ё назорат бар озодии шахс ба *мақсади* фароҳам кардани ҳамоҳангӣ байни манфиатҳои фардӣ ва иҷтимоӣ ва ё тақсими самараноку одилонаи даромадҳо вуҷуд надорад, магар тавассути механизмҳои автоматии бозор. Чунин назарияе, ки бар озодии мутлақ асос ёфтааст, танҳо ба ғояҳое монанди адами мудохила ва бетарафӣ оварда мерасонад. Чуноне, ки озодӣ барои ҳар як фард зарурӣ аст, расидан ба *фалоҳ* низ барои ҳамаи инсонҳо ҳатмист ва набояд ба он беаҳамиятӣ нишон дода шавад. Аз ин рӯ, бояд баъзе қайду маҳдудиятҳои иҷтимоӣ болои ашхоси

алоҳида ҷорӣ карда шаванд, то ҳуқуқи дигаронро поймол накунанд ва дар роҳи расидан ба фалоҳи онҳо халал нарасонанд. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки ин маҳдудиятҳо аз ҷониби кӣ бояд муқаррар шаванд? Мо ин саволро дар доираи панҷумин ниёзи шахсии инсон мавриди баҳс ва мунокиша қарор хоҳем дод.

## *2. Адолат*

Адолат дуюмин ниёзи шахсии инсон аст,[25] бо ин далел, ки ҳадафҳои каромати инсонӣ, иззати *нафс*, бародарӣ, баробарии иҷтимоӣ ва фалоҳи ҳамаҷонибаи мардумон дар сурати ба инобат нагирифтани адолати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ маъное надоранд. Қуръони карим адолатлро, бинобар ҷойгоҳи баланд доштанаш дар ақидаи исломӣ, наздиктарин ба тақво гузоштааст (Моида, 8). Мабнои ҳама корҳои нек, аз ҷумла адолат тақво аст. Аз ин ҷост, ки иҷрои адолат вазифаи асосии тамоми паёмбарон буд (Ҳадид, 25). Қуръони карим ба таври возеҳ баён медорад, ки дар сурати набудани адолат ҳеҷ гуна амнияте вуҷуд надорад. Ӯ таоло мефармояд: "Касоне, ки имон овардаанд ва имони худро ба ширк намеолоянд, эминӣ аз эшон аст ва эшон ҳидоятёфтагонанд" (Анъом, 82).[26] Набудани адолат дар ниҳоят боиси бадбахтӣ ва нобудӣ мешавад (Тоҳо, 111). Паёмбар (с) беадолатиро маҳкум намуда, онро бо "*зулмот* дар рӯзи қиёмат" баробар медонад.[27] Торикиҳои рӯзи қиёмат инъикоси торикиест, ки мо дар ин ҷаҳон бо беадолатиҳои худ анҷом медиҳем. Беадолатӣ метавонад тамоми талошҳоро барои ноил шудан ба амният, рушди устувор ва ҳамбастагии иҷтимоӣ халалдор созад ва дар ниҳоят боиси норозигӣ, ташаннуҷ, низоъ ва пошхӯрӣ гардад. Бинобар ин, беадолатӣ ва Ислом ду тарафи бо ҳам носозгор ҳастанд. Ҳеҷ яке аз ин ду дар ҷои худ устувор намемонад, магар ин ки яке заиф ва ё решакан карда шавад. *Зулм* як истилоҳи исломист, ки тамоми шаклҳои нобаробарӣ, беадолатӣ, истисмор, зулму хатокориро дар бар мегирад, ки инсон бо ин васоил ба дигарон зарар мерасонад, онҳоро аз ҳуқуқашон маҳрум мекунад ва ӯҳдадориҳои худ дар назди онҳоро ба ҷо намеорад.[28]

Ин таъкиди Қуръони карим ва суннати Паёмбар дар бораи беадолатӣ дар навиштаҳои олимони гузаштаи мусулмон инъикос ёфтааст. Масалан, Мовардӣ (972 — 1058) исбот мекунад, ки адолати умумиҷаҳонӣ самимият, итоат, бозсозии кишварҳо, афзоиши маблағҳо, фаровонии *насл* ва амнияти султонро дар бар дорад. Чизе дар вайрон сохтани замин ва фосид кардани виҷдони мардум ба монанди ҷавру ситам нест.[29] Чуноне, ки Ибни Таймия (1263 — 1328) мегӯяд: "Адл барои ҳар чиз ва ҳар кас ҳатмӣ ва зарурист. Ноадолатӣ барои ҳама ва барои ҳар чиз норавост. Ба ҳеҷ касе набояд ситам карда шавад, чӣ мусулмон бошад ё ғайри мусулмон ва ё ситамгар".[30] Ибни Таймия мақолеро, ки дар замони худ роиҷ буд, таъйид мекунад, ки чунин аст: "Худо давлати адлгароро барқарор мекунад, агарчи кофир бошад ва зулмро барқарор намекунад, агарчи муъмин бошад".[31] Ибни Халдун (1332 — 1406) ба таври возеҳ мегӯяд: "*Зулм* вайронгари сохтор аст".[32]

Дар ҳар сурат, таъмини адолат бидуни риояи содиқонаи қоидаҳои муайяни рафторӣ аз ҷониби тамоми аъзои ҷомеа имконнопазир аст. Аз нуқтаи назари ҷаҳонбинии динӣ, чунин қоидаҳо "арзишҳои ахлоқӣ" номида мешаванд, чуноне, ки дар иқтисод онро "ниҳодҳо" меноманд. Аз ҷумлаи чунин арзишҳо метавон амонатдорӣ, инсоф, интизом, огоҳӣ, ҳушёрӣ, худбоварӣ, сабр, фурӯтанӣ, тадбир, эҳтиром ба падару модар, эҳтиром ба омӯзгорон ва пиронсолон, меҳрубонӣ ва ғамхорӣ ба камбизоатон ва маъюбон, нигаронӣ аз ҳуқуқу уҳдадориҳои дигаронро ёдовар шуд, ки набояд танҳо дар ҷомеае, ки мо зиндагӣ мекунем, риоя шавад, балки бояд шомили тамоми ҷомеаи башарӣ дар саросари ҷаҳон гардад. Риояи самимона ин арзишҳо боиси боварии мутақобил ва муносибатҳои дӯстонаи мардумон гардида, онҳоро ба анҷоми тааҳҳудот ва кумак ба ҳамдигар водор ва ташвиқ мекунад. Ҳамин гуна, робитаҳои ҳамбастагии оилавӣ ва иҷтимоӣ, пазириши ҳамзистии осоишта ва мусолиматомез тақвият ёфта, низоъҳои душманона аз байн мераванд.[33] Ин ҳама боиси зиёдшавии сармояи иҷтимоӣ хоҳад шуд, ки барои бардоштани худкифоӣ ва адолат зарур буда, тараққиёт ва фалоҳи мардумро дар бар мегирад.

### *3. Пешрафти маънавӣ ва ахлоқӣ*

Агар дар ҳақиқат дунболи фалоҳи ҳамагонӣ ва таҳқиқи дидгоҳи исломӣ ҳастем, пас пешрафти ахлоқӣ ва маънавиро сеюмин талаботи шахсӣ аз нигоҳи Ислом бидонем. Риояи самимонаи қонунҳои рафторӣ, ки бар асоси арзишҳои ахлоқии воло бино ёфтаанд, бе як системаи ҳавасмандкунонии муассир бар асоси ҷаҳонбинии солим, ки дар бораи он дар доираи *мақсади* асосии дуюм, яъне "Тақвияти *дин*", суҳбат шудааст, имконнопазир аст.

### *4. Ҳифзи ҷон (нафс), мол ва обрӯ*

Аз нигоҳи ҷаҳонбинии исломӣ ва арзишҳои марбут ба он, ҳифзи ҷон, *мол* ва обрӯ чорумин талаботи шахсӣ дар Ислом маҳсуб меёбад. Қуръони карим қатли ғайриқонунии як шахсро (новобаста аз он, ки мусулмон аст ё ғайримусулмон) бо қатли ҳамаи одамон ва наҷоти як фардро бо наҷоти ҳамаи мардумон баробар медонад (Моида, 32). Инро метавон як амри табиӣ донист, зеро даъвати Ислом ба эҳтиром ба зиндагӣ ва бародарии инсонӣ, дар сурати баробар надонистани талафи ҷони ғайримусулмон бо талафи ҷони мусулмон, ҳеҷ маъное нахоҳад дошт. Паёмбари Худо (с) дар хутбаи *Ҳаҷҷи* видоъ фармуданд: "Ҷону молу обрӯи шумо монанди ин рӯзу (*ҳаҷ*) моҳу (зу-л-ҳиҷҷа) шаҳр (Макка) барои шумо муқаддасанд".[34] Вақте, ки як ҳоҷӣ дар Ислом дар чунин дараҷаи баланд дар амон бошад, пас бояд ба ҷону молу обрӯи ҳар фарде аҳамияти баланд дода, ба ҳамон дараҷа ҳифз карда шавад.

### *5. Озодӣ*

Панҷумин ниёзи инсонҳо озодӣ аст, ки барои рушди шахсияти инсон аз он роҳи гурез нест. Бе озодӣ мумкин аст шахс тавону ангезаи лозим барои навоварӣ ва ибтикорро аз даст диҳад ва дар натиҷа башарият ба пешрафт ва *фалоҳ* нарасад. Чун инсон аз ҷониби Худованд ҳамчун халифа бар замин гузошта шудааст, шоёни он аст, ки пеши касе сар хам накунад. Гузашта аз ин,

раҳоии мардум аз банд ва занҷирҳое, ки ба пои онҳо мекашиданд, аз муҳимтарин вазифаҳои Паёмбар (с) буд (Аъроф, 157).

Бинобар ин, ҳар навъи ғуломдорӣ, чӣ иҷтимоӣ бошад, чӣ сиёсӣ ва иқтисодӣ, хилофи омӯзаҳои исломӣ аст. Бинобар ин, ҳеҷ кас, ҳатто давлат, ҳаққи гирифтани озодӣ аз мардум ва ба занҷири бардагӣ кашонидани онҳоро надорад. Шояд аз ин сабаб буд, ки *халифаи* дуюм, Умар ибни Хаттоб (р) ин сухани машҳурашро гуфта буд: "Аз кай боз мардумро ба бардагӣ мегиред, дар ҳоле, ки онҳо аз модарон озод таваллуд шудаанд?" [35]

Агарчи инсонҳо *халифаи* Худованд дар замин ҳастанд, на ба ин маъност, ки онҳо аз озодии мутлақ, чуноне дар экзистенсиализми Сартр аст, бархӯрдор бошанд.Озодии инсон маҳдуд ба арзишҳои ахлоқӣ аст, на танҳо барои кафолати фалоҳи худ, балки ҳамчунин барои кафолати тамоми махлуқоти Худованд. Вақте фариштагон фаҳмиданд, ки Худованд инсонро меофарад ва ҷонишини Ӯ дар замин хоҳад буд ва аз озодӣ бархӯрдор хоҳад шуд, тарсиданд, ки мабодо озодияшон боиси фасод ва хунрезӣ дар замин шавад (Бақара, 30). Шояд хавфи фариштагон аз ин ҷиҳат буд, ки онҳо он замон аз ин, ки Худованди мутаол дар баробари озодӣ ба инсон се ҳадяи дигар барои пешбурди зиндагии осоишта медиҳад, бехабар буданд. Нахустини ин туҳфаҳо виҷдони онҳост, ки инъикосгари табиати аслии (*фитрат*) онҳо ба шумор меояд (Рум, 30). Агар *фитрат* ҳифз нашавад, инсон ба "*фурӯтар аз ҳамаи фурӯтарон*" фурӯ меравад (Тин, 5).

Бо *мақсади* пешгирӣ аз ин суқут, Худованди мутаол ба инсон дуввумин туҳфаи гаронбаҳо ба воситаи паёмбаронаш дар тамоми давраҳои таърих ва барои тамоми мардумон ва миллатҳо бахшид, ки он ҳамон ҳидоят аст. Ҳадаф аз ин роҳнамоӣ (ҳидоят) кумак ба инсонҳо дар идора кардани умури худ дар ин дунё ба шеваест, ки инсонро дар пешбурди *фалоҳ* тибқи ҷонишинии Худои мутаол дар замин таъмин кунад.[36] Бинобар ин, озодии инсон маҳдуд бо ҳидоятест, ки Худованд ба ӯ додааст. Ҳадя ё туҳфаи сеюм ақл аст, ки Худованд ба инсон бахшидааст. Агар инсон ақли худро аз рӯи виҷдони фитрии поки худ ва ҳидояти Худованд истифода барад, метавонад озодии худро оқи-

лона барои дарк кардани дидгоҳи исломӣ ва пешгирии фасод ва хунрезӣ, ки аз нигоҳи арзишҳои исломӣ ду ҷинояти даҳшатнок ба шумор меравад, истифода кунад.

### *6. Таълим*

Бо таваҷҷуҳ ба нуктаҳои зикршуда, ба талаботи шашуми инсонӣ барои бардоштани сатҳи тафаккури инсон тавассути таҳсилоти босифат рӯй меорем. Маориф бояд нақши дугонае дошта бошад. Аз як тараф, омӯзиш бояд ба аъзои ҷомеа имкон диҳад, ки аз ҷаҳонбинии Ислом, арзишҳои ахлоқии исломӣ ва нақши инсонҳо ҳамчун ҷонишинони Худо дар замин огоҳ шаванд, ва аз тарафи дигар бояд ба онҳо имкон диҳад, ки на танҳо бо роҳи заҳмату талоши ҷисмонӣ вазифаҳои худро иҷро кунанд, балки аз густариши дониш ва пойгоҳи фаннии ҷомеаи худ низ кор гиранд. Дар сурати набуди тарбияи маънавӣ ва тавсеаи заминаи дониш ва техника, мумкин аст ғанисозии зеҳн ва имкони мушорикати фаъолона дар роҳи пешбурд ва устувории рушд имконпазир набошад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи зиёди Қуръони карим ва суннати Паёмбар ба таълимро баъдтар, дар баҳси сеюмин ҳадафи аслии шариат, яъне ғанисозии *ақл*, нишон хоҳем дод.

### *7. Ҳукуматдории хуб*

Ҳукуматдории хуб, чуноне, ки дар баҳси ақида хоҳем дид, ҳафтумин талаботи шахсии инсон аст. Бе суботи сиёсӣ ва ҳукмронии хуб мумкин аст меъёрҳои рафторӣ дар ҷомеа иҷро нашаванд ва дар чунин ҳолат мумкин аст гароиши қонуншиканӣ ба воситаи механизмҳои худкор густариш ёфта, фасод ва бепарвоӣ нисбат ба ниёзи дигарон афзоиш ёбад.[37] Бинобар ин, аксари донишмандони мусулмон, аз ҷумла Абу Юсуф, Мовардӣ, Ибни Таймия ва Ибни Халдун, дар тӯли таърих бар аҳамияти ҳукуматдории хуб таъкид кардаанд. Умуман эътиқод бар ин аст, ки набудани ҳукуматдории хуб дар асрҳои гузашта яке аз сабабҳои асосии таназзули уммати исломӣ будааст.[38]

### *8. Решакан кардани фақр ва бароварда сохтани талабот*

Шояд мантиқист, ки таваҷҷуҳи баланди Ислом ба шаъну шарафи инсон, адолат ва бародарӣ ба ҳаштумин талаботи асосии инсон, яъне решакан кардани камбизоатӣ ва бароварда сохтани ҳамаи ниёзҳои асосии инсон оварда расонад. *Фақр* ба корношоямӣ, нотавонӣ ва вобастагӣ аз дигарон мебарад. Гузашта аз ин, чуноне Паёмбари Худо (с) фармуданд, *фақр* метавонад касро ба куфр бибарад.[39] Ҳамин гуна *фақр* хилофи ҳадафи ҳифзи шаъну шарафи инсонӣ дар таълимоти исломӣ аст. Дар сурати оқилона ва одилона истифода набурдани даромадҳо, барҳам додани камбизоатӣ ғайриимкон аст. Ҳамаи ин даромадҳо, чуноне баён шуда буд, амонате аз ҷониби Худованд ҳастанд, ки аз шартҳои он ин аст, ки бояд ба гунае истифода шавад, ки эҳтиёҷоти ҳама бароварда шавад.

Бинобар ин, решакан кардани *фақр* ва бароварда сохтани ниёзҳои ҳамаи аъзои ҷомеа дар давраҳои мухталифи таърихи исломӣ ҷойгоҳи намоёне дар фиқҳ ва андешаи исломӣ доштааст. Иттифоқи назари фақеҳон бар ин аст, ки таваҷҷуҳ ба ниёзҳои асосии фақирон бар ҷомеаи мусулмонӣ фарзи кифоя аст.[40] Шотибӣ бар ин назар буд, ки чунин амал вуҷуди худи ҷомеаро асоснок мекунад.[41] Ҳамаи факеҳони муосир, аз ҷумла Мавдудӣ, Ҳасан Банно, Саид Қутб, Мустафо Сибоӣ, Абу Заҳра, Боқир Садр, Муҳаммад Муборак ва Юсуф Қарзовӣ низ бар ин назаранд.

Нукоти зикршуда моро ба ин савол водор месозад, ки оё бароварда сохтани кадом ҳоҷат аз авлавиятҳои фардӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад? Дар ин росто фуқаҳо талаботро ба се дараҷа тақсим кардаанд: *заруриёт*, *эҳтиёҷот* ва *ороишот*. Ин талабот, он гуна, ки фақеҳон онро маънидод кардаанд, ба маънои он амволу хадамотест, ки барои ноил шудан ба *фалоҳ* аз роҳи коҳиши сахтиҳо, бароварда сохтани ниёзҳои шахсӣ ва эҷоди осоишу оромиши зеҳнӣ беҳбудии воқеӣ меоранд.[42] Ин талабот шомили лавозимоти зинатӣ, ки аз амволу хадамоти мояи кибру ғурур иборатанд, нестанд. Фақеҳон ин навъ молу хадамотро, ки аз ҳадди зарурӣ мегузаранд, исроф ва ғарқ шудан дар лаззатҳо

доништа, барои баровarda шудани онҳо бо шиддат мухолифат кардаанд.[43]

Бояд бидонем, ки модоме, ки Ислом руҳбоният, зиндагии ғайриахлоқӣ ва тарки дунёро манъ мекунад (Ҳадид, 27), гурӯҳбандии *мол* ва хадамот ба се гурӯҳи боло бояд тағйирёбанда бошад. Ислом барои ҳар шахс ин имконро фароҳам меоварад, то битавонад талаботи (*заруриёт* ва *эҳтиёҷот*) худро бароварда созад, ки он ҳам ба *мақсади* расидан ба *фалоҳ* ва судмандии худи инсон дар назар гирифта шудааст. Аз ин рӯ, гурӯҳбандии молҳо ва хидматҳо дар ин гурӯҳҳо бояд инъикосгари боигарӣ ва сатҳи умумии зиндагии ҷомеаи мусулмонон бошад. Ҳамин гуна, бо мурури замон рушди технология, афзоиш ёфтани некуаҳволӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагӣ метавонад дурнамои талаботро иваз кунад. Воқеан имрӯз чанде аз кишварҳои мусулмонӣ сарватмандтар гашта, нисбат ба ҷомеаҳои гузаштаи мусулмонӣ дар бароварда сохтани ниёзҳо дасти дарозтаре доранд. Илова бар ин, талабот (ниёзҳо) бо гузашти замон ва тағйири макон ба як қарор намемонанд. Бархе аз ниёзҳое вуҷуд доранд, ки дар даврони Паёмбар (с) вуҷуд надошта, акнун ба як амри зарурӣ табдил шудаанд. Вуҷуди чунин талаботе набояд боиси саркашӣ ва то он ҳад фарқи калон дар сатҳи зиндагӣ гардад, ки пайвандҳои бародарии исломӣ ва ҳамбастагии иҷтимоиро заиф созад. Инчунин набояд дар ҷомеаи мусулмонӣ таносуби мутлақ эҷод шавад, ки ба афсурдагӣ расонад, дар ҳоле, ки содагӣ дар сабки зиндагӣ метавонад бе осеб расонидан ба эҷодкорӣ ва гуногунрангӣ ҳосил шавад.

### *9. Ҷойҳои корӣ ва худиштиғолӣ*

Чун гадоӣ боиси паст шудани шаън ва иззати шахс мешавад, Ислом ба худдорӣ аз ин амал ташвиқ мекунад.[44] Ниёзи нуҳум ва тақозои ҳифзи шаъну шарафи инсон ин аст, ки талабот бо талоши худи шахс бароварда шаванд. Бинобар ин, барои ҳар мусулмон фарз аст, ки даромади худ ва хонаводаашро таъмин кунад.[45] Паёмбари Худо (с) ба мусулмонон дастур додааст барои худ ҳунар касб кунанд, то битавонанд зиндагии шарофат-

мандона дошта бошанд.[46] Аз ин рӯ, таъкиди фақеҳон бар ин аст, ки нотавонии фард дар анҷоми вазифа барои касби рӯзӣ ӯро аз ҳифзи саломатии рӯҳӣ ва ҷисмӣ оҷиз мегардонад. Дар чунин ҳолат ӯ наметавонад вазифаҳои бандагии худро анҷом диҳад, чӣ расад ба анҷоми тааҳҳудоти худ ҳамчун *халифаи* Худованд дар замин.[47]

Бинобар ин, бар ҷомеаи мусулмонӣ фарзи кифоя аст, ки иқтисодро ба гунае идора кунад, ки фурсати муносибро барои ҳама фароҳам оварад, то бо тавоноиҳо ва талошҳои худ зиндагӣ ва шароити хубу муносиб дошта бошанд. Дар ҷаҳони имрӯза, сармоягузории хурд иқтидори бузурги худро барои афзоиши ҷои кор ва худмашғулият нишон додааст. Аз ин ҷиҳат, роҳандозии он дар кишварҳои мусулмонӣ бояд аз авлавиятҳои баланд бархӯрдор бошад. Боз ҳам касоне вуҷуд доранд, ки ба далели маъюбӣ ва нотавонӣ наметавонанд бо саъю талоши худ ба андозаи лозим даромад дошта бошанд. Аз ин ҷост, ки Ислом барои кумак ба чунин ашхос ба воситаи муассисаҳои хайрия, закот ва садақотро барои қонеъ кардани ниёзҳо, бе ягон доғи нанги иҷтимоӣ, роҳандозӣ намудааст ва дар ҳоли ба қадри кофӣ ҷамъоварӣ нашудани даромади лозим аз роҳи ин муассисаҳо, вазифаи давлат аст, то нақши пурракунандаеро ифо кунад.

### *10. Тақсими одилонаи даромад ва дороӣ*

Қуръони карим ба таври возеҳ ба мо мегӯяд, ки дороӣ набояд танҳо дар байни сарватмандон бошад (Ҳашр, 7). Тибқи ин дидгоҳи исломӣ, ниёзи даҳуми одамҳо тақсими одилонаи даромад ва дороӣ аст. Нобаробариҳои беш аз ҳадди даромад ва дороӣ сабаби паст шудани шаъну шарафи касоне мешавад, ки дар сатҳи пасти зиндагӣ қарор доранд ва тавони баҳрабардории комил аз имкониятҳои худро надоранд. Набуди барномаи муассир барои кам кардани нобаробарӣ дар даромад ва дороӣ эҳсоси бародариро, ки Ислом аз пайи таҳкими он аст, на ин ки устувор, балки сусттар мегардонад. Бинобар ин, Ислом на танҳо аз пайи решакан кардани *фақр* ва бароварда сохтани ниёзҳои ҳар шахс аст,

инчунин бар аҳамияти ҳимояти барномаи иҷтимоӣ, аз қабили закот, садақот ва хайрия, таъкид мекунад. Боз ҳам такя кардан бар ин, ки саҳмияҳои хайрия тақсими одилонаи даромад ва дороиро ба бор меорад, хато аст. Ҳамчунин бояд ба раванди рушд суръат бахшида шавад (дар ин бора дар ҷои дигар зери унвони дороӣ суҳбат хоҳем кард) ва равишҳои дигаре, ки дар саросари ҷаҳон истифода мешаванд, дар сурати мувофиқат бо мазмуни аҳкоми исломӣ, ба кор гирифта шаванд.

### *11. Издивоҷ ва ҳаёти оилавии устувор*

Ёздаҳумин ниёзи табиӣ, ки бар ҳар фарди ҷомеа, чӣ мард ва чӣ зан, зарурӣ аст, ҳамроҳӣ ва мушорикат дар зиндагӣ бо роҳи издивоҷ аст.[48] Ҳадафи издивоҷ на танҳо қонеъ кардани хоҳиши ҷисмонӣ, балки доштани шарики муносибу ғамхор, меҳрубону ҳамдарди ҳамдигар аст. Қуръони карим мефармояд: "Ва ин нишонаҳои қудрати ӯст, ки бароятон аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то ба онҳо оромиш ёбед ва миёни шумо дӯстиву меҳрубонӣ ниҳод. Албатта, дар ин иборатҳоест барои мардуме, ки меандешанд" (Рум, 21).

Ба ҳар ҳол, зиндагии заношӯӣ фақат дар ҳоле ба ин ҳадаф ноил мешавад, ки ҳар ду, зан ва шавҳар, аз ахлоқи нек бархӯрдор бошанд,[49] барои фалоҳи якдигар алоқаманд бошанд ва ҳозир бошанд фидокориҳои марбут ба манофеи фардиро таҳаммул кунанд.[50] Чунин муносибати пур аз муҳаббат ва ғамхорӣ боиси пайдоиши оилаҳои муътадил мегардад, ки на танҳо барои муҳайё кардани муҳаббат ва ғамхории зарурӣ дар тарбияи наслҳои оянда, балки барои рушд ва идомаи худи ҷомеа низ заруранд.

### *12. Оила ва ҳамбастагии иҷтимоӣ*

Бо *мақсади* фароҳам кардани фазои муҳаббат, ҳамдардӣ ва осоиш байни ҳамсарон, Қуръони карим ба занон ҳуқуқи баробар бо мардонро додааст (Бақара, 228) ва ба мардон дастур додааст, то бо занон бо нармӣ ва адолат муносибат кунанд ва вазифаҳояшон

дар баробари онҳоро бо меҳрубонӣ иҷро намоянд (Нисо,19). Паёмбари Худо (с) мазмуни ин оятҳо ва чанд ояти дигарро таъкид намуда, занонро "хоҳарони мардон" номидааст.[51] Ӯ (с) дар хутбаи *Ҳаҷҷи* видоъ аз мардон хост, ки дар муносибат бо занон аз Худои бузург битарсанд, зеро занон ҳамчун "амонат аз ҷониби Худо" ба онҳо вогузор шудаанд.[52] Дар ҷои дигар Паёмбари Худо (с) мардонро аз риоя накардани ҳуқуқи занҳо ва суиистифода кардан аз заъфу нотавонии онҳо, манъ намудааст.[53] Инчунин мардонро аз таҳқиру иҳонати духтарон ва аз онҳо боло донистани писарон наҳй фармудааст.[54] Ҳадисҳои мазкур ва чанд ҳадиси саҳеҳи дигаре ривоят шудааст, ки дар роҳнамоии мардон ва дар роҳи расидан ба *фалоҳ* нақши калон доранд. Шояд ба ин сабаб буд, ки *халифаи* дуюм Умар (р) (585 — 644) сухани машҳурашро гуфт: "Мо дар замони ҷоҳилият занонро чизе намедонистем. Вақте Ислом омад ва Худованд аз онҳо ёд кард, фаҳмидем, ки онҳо болои мо ҳуқуқ доранд".[55] Некрафторӣ ва хушмуомилагӣ миёни ҳамсарон, муҳаббат ба фарзандон ва дар канори волидайн будани онҳо аз авомилест, ки метавонад ниёзи дувоздаҳуми шахсии инсонро, ки оила ва ҳамбастагии иҷтимоӣ аст, ба осонӣ бароварда созад.

### *13. Коҳиши сатҳи ҷиноёт*

Бовар меравад, ки дар ҳолати қонеъ кардани дувоздаҳ ниёзи дар боло зикршуда фазое ба миён ояд, ки битавонад сездаҳум ниёзи инсон, яъне коҳиши сатҳи ҷиноёт ва хусуматҳоро коҳиш диҳад.

### *14. Хотири ҷамъ ва хушбахтӣ*

Дар ҳоли бароварда шудани сездаҳ ниёзи асосӣ метавон интизор дошт чордаҳумин ниёзи инсонӣ, ки хотири ҷамъ ва хушбахтӣ аст, бароварда шавад. Бароварда шудани ҳамаи ин ниёзҳо на танҳо бар худи мо, зеҳн, фарзандон ва *мол*, балки бо эҷоди як фазои беҳтар бар дарки *дин* ва татбиқи он низ таъсири мусбат хоҳад дошт ва барои рушди устувори тамоми соҳаҳои ҷомеа, иқтисод ва сиёсат фазои васеътар фароҳам хоҳад кард.

# ФАСЛИ ДУЮМ

## ТАҚВИЯТИ ДИН ВА ТАКМИЛИ АҚЛ, НАСЛ ВА МОЛ

Дар ҳоле, ки ҳадафи ниҳоии шариат, яъне кафолати *фалоҳ* ба ҳама, танҳо тавассути ислоҳи нафси инсон ба даст меояд, тақвияти чор ҳадафи асосии дигар (*дин*, *ақл*, *насл* ва *мол*) низ зарурӣ аст, зеро ҳар як аз онҳо нақш дар ислоҳ ва ғанисозии нафси инсон доранд. Агар ин чор ҳадаф дар партави чолишҳое, ки дар шароити кунунӣ ба вуҷуд меоянд, тақвият нашаванд, даст ёфтан ба *фалоҳ* барои насли имрӯзу фардо имконпазир нест ва эҳтимол аст бақои худи тамаддунро таҳдид кунад.

### *1. Тақвияти дин (Расми 3)*

Нахустин саволе, ки шояд ба зеҳни хонанда ояд, ин аст, ки чаро "*дин*" дар мартабаи дуюм ва билофосила пас аз "*нафс*" гузошта шудааст, дар ҳоле, ки дар ҷаҳони имрӯз гароиш ба секуляризм, либерализм ва материализм афзоиш ёфтааст? Оё дар ҳақиқат *дин* аз чунин аҳамияте бархӯрдор аст, ки дар ин тартиб дар сархати ҳадафҳои асосӣ қарор гирад?

### *1.1. Ҷаҳон аз дидгоҳи дин*

Воқеияте, ки набояд атрофи он баҳсу мунокиша шавад, ин аст, ки худи инсон василаи рушд ва ҳадафи ниҳоии он аст ва бояд барои ислоҳи ӯ ва барои расидани ӯ ба *фалоҳ* аҳамияти баланд дода шавад. Ҷаҳонбинии динӣ аст, ки бештарин имконотро барои ислоҳи инсон ба гунае дорад, ки метавонад тамоми ниёзҳои маънавӣ ва моддии шахсияти инсонро, ки вижагиҳои он дар боло зикр шуд, таъмин намояд. Ҷаҳонбинии динӣ инро метавонад бо роҳи зиндагии маънидор ва ҳадафманд, ислоҳи

талошҳои инсонӣ ба самти дуруст ва табдили мардум ба табақаи баланди инсонӣ ба воситаи тағйири рафтори онҳо, шеваи зиндагӣ, завқ, интихобҳо, нигариш нисбати худ, Офаридгори худ, дигарон, муҳит ва атрофи худ анҷом диҳад. Дар ин маврид Қуръони карим ба таври возеҳ мефармояд: "Албатта, покон растагор шуданд, онон, ки номи Парвардигори худро бар забон оварданд ва намоз гузориданд" (Аъло, 14-15; ҳамчунин ба оятҳои 9-10-и сураи "Шамс" нигаред). Бинобар ин, донишмандони мусулмон бар аҳамияти ислоҳи башар ва нақше, ки дин дар чунин ислоҳот мебозад, таъкид кардаанд.

Дюрантҳо ва Тойнби пас аз пажӯҳиши густарда дар таърих ба ин дидгоҳи дуруст расиданд, ки дар сурати набудани нақши динҳо сатҳи рушди ахлоқ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ ҳосил намешавад. Тойнби мегӯяд: "Динҳо ҳисси ухдадории иҷтимоиро дар миёни пайравони худ тақвият медиҳанд, на ин, ки онро нобуд мекунанд" ва "Бародарии инсонӣ бар фарзияи Худои Падар асос ёфтааст – ҳақиқате, ки боиси ин ҷанбаи муқобил аст, ки радди назарияи Падари Муқаддаси насли башар эҷоди алоқаи ҷойгузини дорои табиати инсонии холисро, ки битавонад башарро дар канори ҳам нигаҳ дорад, номумкин месозад”.[56] Уилл ва Ариэл Дюрант низ дар китоби арзишманди худ The lessons of History ("Дарсҳо аз таърих") қайд карданд, ки “Дар таърихи пеш аз замони ҷомеаи мо намунае вуҷуд надорад, ки мардум бе кумаки *дин* зиндагии ахлоқиро бо муваффақият ҳифз карда бошанд".[57]

### *1.2. Арзишҳо*

Баҳси дар боло зикршуда моро ба ин савол водор мекунад, ки чаро дастёбӣ ба рушди ахлоқӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ бе кумаки *дин* номумкин аст? Посух ба ин савол ин аст, ки ду омили муҳим барои рушди ахлоқӣ инҳоянд: 1. Вуҷуди арзишҳо ё меъёрҳои рафторие, ки ба таври васеъ қабул шудаанд ва ба онҳо бе ягон қайду шарт авлавияти мутлақ дода меша-


ТАҚВИЯТИ ИМОН
ҶАҲОНБИНӢ
(Тавҳид, хилофат, рисолат ва бародарӣ)
Арзишҳо
(қоидаҳои рафторӣ)
Ангезаи муносиб
Таълим
(ахлоқӣ ва моддӣ)
Адолат, озодӣ, бехатарии ҳаёт, мол, шараф, обрӯ, иҷрои ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, сабр, сарфаҷуӣ, мулоҳиза эътимоди мутақобил ва …
Рафъи фақр, баровардасохтани ҳамаи ниёзҳо, фурсатҳои эҷоди ҷойҳои корӣ ва соҳибкори
Тақсимоти одилона (бародарии инсонӣ)
Муҳити мусоид барои адолат, садоқати оилавӣ, ҳамабастагӣ ва суботи сиёсӣ
Нақши давлат
Ҳукуматдории хуб
Ҳифзи ҳаёт, ақл, насл ва мол
Фалоҳ (растагори)-и ҳамагонӣ

(Расми 3).

вад; 2. Риояи ин арзишҳо ё меъёрҳои рафторӣ, эҳсоси масъулияти маънавӣ нисбати онҳо ва сарзаниши касе, ки онҳоро риоя намекунад. Ин ҷо саволи дигаре пеш меояд, ки чӣ гуна метавон ба арзишҳое расид, ки бе қайду шарт пазируфта шуда ва мавриди эҳтироми ҳама бошанд? Оё метавон ба чунин арзишҳо ба воситаи мафҳуми "Аҳди иҷтимоӣ", ки баъзе файласуфони секулярии муосир ва донишмандони сиёсӣ пешниҳод кардаанд, бирасем? Посух ба ин савол дар ҳоле мусбат хоҳад буд, ки ҳамаи ширкаткунандагон дар гуфтугӯ дар бораи таҳияи лоиҳаи Аҳди иҷтимоӣ аз назари иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фикрӣ бо ҳам баробар бошанд, то ҳангоми танзими қонунҳои лозим вазни ҳама яксон бошад. Чунин баробарӣ наметавонад вуҷуд дошта бошад, зеро одамони бой ва соҳибқудрат дар раванди тасмимгирӣ бартарӣ хоҳанд дошт ва дар охир қонунҳо ба гунае қабул хоҳанд шуд, ки ба фоида ва дар хизмати худи сарватмандон ва соҳибқудратон қарор мегиранд. Ин ба қабули умумӣ ва риояи ин қоидаҳо халал мерасонад. Ин вазифа бояд ба шахси бетарафе вогузор шавад, ки аз аҳли илму эҳсон бошад, ҳамчун шахси беғараз машҳур бошад, нуқоти қувват ва заъфи ҳама инсонҳоро донад, миёни мардум адл дар муомиларо риоя кунад, нияташ расидани ҳамаи мардум ба *фалоҳ* бошад ва таъсири қонунҳо дар кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро донад. Кӣ тавони анҷоми ин корро дорад, ба ҷуз Худованд, ки Офаридгори ин ҷаҳон ва худи инсонҳост?

Ин амр аз ҷониби Офаридгори бузургу тавоно ба анҷом расидааст. Бо таваҷҷуҳ ба ҷаҳонбинии исломӣ, ҳамон гуна, ки пештар ишора шуд, Офаридгори ҷаҳон ҳидоятгароне аз назди худ ба тамоми мардумон дар тамоми давраҳои башарият фиристод (ки ҳама аз ҷинси башар ҳастанд), аз ҷумла Иброҳим (а), Мусо (а), Исо (а) ва хотами онҳо Муҳаммад (с), дуруду саломи Худо бар ҳамаи онҳо бод. Бинобар ин, миёни дидгоҳи асосии дунявӣ ва низоми арзишии ҳамаи динҳои осмонӣ то ҳадде дар бақои паёми илоҳӣ ва покии он дар тайи асрҳои гузашта давом ва монандӣ вуҷуд доштааст. Инсонҳо ҳамчун ҷонишинони Худо дар рӯи замин бояд ин арзишҳоеро, ки аз

ҷониби Худованд ба онҳо дода шудааст, содиқона риоя кунанд. Ин вазифаи махсуси онҳо дар тӯли иқоматашон дар ин ҷаҳон аст. Агар инсонҳо аз манобеи нодире, ки дар дастраси онҳост, хуб истифода кунанд ва миёни худ мувофиқи ин арзишҳо бо якдигар рафтор кунанд, ин амр на танҳо ба онҳо имкон медиҳад, то боварӣ ҳосил шавад, ки ба *фалоҳ* даст ёфтаанд, балки аз муҳити зист, аз ҷумла ҳайвонот, парандагон ва ҳашарот низ ҳифозат кардаанд. Ахлоқи иҷтимоӣ, чуноне Рут Ф. Чадвик қайд кардааст, бар меъёрҳои тавофуқшуда асос ёфта, як амри бадеҳӣ ва ғайри қобили инкор аст. Ҳамон гуна, ки Чадвик қайд мекунад: "Ахлоқӣ иҷтимоӣ дар тӯли таърихи башар аз *дин* ҷудо набудааст, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки дар баъзе ҷомеаҳои хурди инсонӣ вуҷуд доштааст".[58] Бернард Уилямс низ дуруст қайд кардааст, ки "Ахлоқӣ иҷтимоӣ нававарии файласуфон набудааст".[59]

### *1.3. Ҳавасмандгардонии муносиб*

Ба ҳар ҳол, ҳатто агар мо арзишҳои ба таври васеъ қабулшуда ва бецайду шартро ба даст орем, дучори саволе хоҳем шуд, ки чӣ гуна ин арзишҳо аз ҷониби мардум риоя мешаванд? Риояи ин арзишҳо аз ҷониби одамон фидокории муайянеро талаб мекунад. Пас чӣ гуна ақида метавонад шахсро барои риояи ин арзишҳо ва анҷоми тааҳҳудоти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки ба ҷоннисорӣ барои манофеи шахсӣ ниёз дорад, водор кунад? Ақида метавонад ин корро ба воситаи пешниҳоди чашмандози дарозмуддати манфиатҳои шахсӣ, ки фаротар аз дунёи фонӣ ба ҳаёти абадӣ дар охират густариш меёбад, имконпазир намояд. Инсон метавонад ба воситаи худхоҳӣ ва иҷро накардани уҳдадориҳои худ нисбат ба дигарон ба манфиати шахсии худ дар ин дунё бирасад, аммо манфиати шахс дар охират танҳо бо иҷро кардани ин уҳдадориҳо ба даст меояд.

Дурнамои дарозмуддати манфиатҳои шахсӣ масъулияти шахс дар назди Худованд ва подош ва ҷазои охират аст, ки метавонад ангезаеро барои шахсони алоҳида ва ҷомеаҳои мардумӣ фароҳам кунад, то ба таври ҳақиқӣ ба уҳдадориҳои худ

амал кунанд, ҳатто агар ҳам он ба манфиатҳои кӯтоҳмуддати шахс зарар расонад. Ғайри мантиқист, ки кас барои манофеи кӯтоҳмуддати худ дар дунё фалоҳи абадии хешро бифурӯшад. Иқтисоди суннатӣ баъд аз ғуттавар шудан дар андешаҳои секулярӣ, ки аз сӯи ҳаракати Равшангарӣ матраҳ шудааст, манофеи шахсии дарозмуддатро нодида гирифтааст. Бинобар ин аст, ки иқтисодӣ суннатӣ ҳеҷ механизме барои ҳавасмандгардонии мардум барои ба *фалоҳ* расонидани дигарон надорад.

### *1.4. Таълим*

Бо ин ҳол, вуҷуди арзишҳо ва системаи ҳавасмандгардонӣ ҳам як кумаки пурқувват буда наметавонад, агар худи мардум онро дарк накунанд ва худ даст ба кор нашаванд. Аз ин ҷиҳат, Ислом барои ҳар мусулмон зарурӣ медонад, ки на танҳо барои фаҳми дурусти ҷаҳонбинии исломӣ кӯшиш кунад, балки дар барои таълим ва заминаҳои фаннии муосир низ фаҳми дуруст дошта бошад. Ин кор ба мусулмонон имкон медиҳад, ки на танҳо мусулмони беҳтаре шаванд, балки фурсатҳоеро барои шуғл ва кори мустақил барои онҳо фароҳам мекунад; ба онҳо имкон медиҳад, ки битавонанд корҳои худро идора кунанд, шаъну шарафи худро ҳифз намоянд, рушди ҷомеаи худро ривоҷ диҳанд ва дар коҳиши *фақр* ва тақсими нобаробари даромад ва дорой кумак кунанд. Агар системаи молӣ бар асоси қолабҳои таъмини молии исломӣ ислоҳ шавад, метавонад буҷети лозимро барои бахши васеи ҷомеа фароҳам оварда, нукоти дар боло зикршударо ба таври беҳтар такмил кунад.[60]

### *1.5. Муҳити мусоид барои некӣ ва ҳамбастагии оилавӣ ва иҷтимоӣ*

Ислом ҳамчунин барои рушди адолат, ривоҷи ҳамбастагии оилавӣ ва иҷтимоӣ ва ҳамкории байни аъзои ҷомеа фазои муносибе эҷод мекунад. Дар ҳоли набудани чунин муҳити муносиб мумкин аст арзишҳо ва системаи ҳавасмандгардонӣ заиф гардад. Намози бо ҷамоат, рӯза доштан дар моҳи рамазон, закот ва *ҳаҷ*,

илова бар эҳтироми ҷомеа ба касе, ки арзишҳои ахлоқиро риоя мекунад, ва нафрати он аз касе, ки онҳоро риоя намекунад (амр ба маъруф ва наҳй аз мункар), як қисми барномаи исломӣ барои эҷоди чунин муҳити мусоид аст.

Вуҷуди чунин муҳити муносиб метавонад ба пешрафти хислатҳои лозими мардум кумак кунад ва бадиҳоеро, ки монеи расидан ба ҳадафҳои иҷтимоии инсон мешаванд, коҳиш диҳад. Масалан, таблиғи зиндагии сода ва коҳиши хароҷоти беҳуда мумкин аст афзоиши талабот ба захираҳоро маҳдуд кунад. Ин амр на танҳо ба мавҷудияти захираҳои бештар барои қонеъ кардани ниёзҳои умумӣ, ки барои таҳкими ҳамоҳангии иҷтимоӣ зарур аст, оварда мерасонад, балки ба пасандоз ва сармоягузорӣ кардан ташвиқ мекунад ва ба ин восила таъмини шуғл ва рушдро дастгирӣ мекунад. Набуди мунокишаҳои ҷиддӣ дар бораи ин арзишҳо ва муҳити мусоид барои микроиқтисод (иқтисоди хурд) боиси эҷоди фосила байни он ва макроиқтисод (иқтисоди калон) гардидааст. Ва дар сурати набуди баҳсу мунокишаҳо дар бораи рафтор, салиқаҳо ва афзалиятҳои лозими шахсҳо, оилаҳо ва корхонаҳо барои дастёбӣ ба ҳадафҳои макроиқтисодии башардӯстона, ин аҳдоф бе пуштибонӣ ва подарҳаво хоҳанд монд. Дар натиҷаи бузургдошти боигарӣ ва қонеъ кардани хостаҳову рағбатҳои инсонӣ тамаркузи микроиқтисод бар фардгароӣ ва манфиатҳои шахсӣ аз ҳад зиёд гаштааст. Пас ба ҳамин хотир зарур аст, ки ҳадафҳои инсондӯстона ва гуманитарии макроиқтисод бо микроиқтисод инсиҷом ва ҳамгироӣ дошта бошанд.

Ҷунбиши равшангароӣ дар асри XVII бо пешниҳоди дидгоҳи материалистиии худ хост аҳамияти чунин нақши динро дар Ғарб бикоҳад. Ба ҳар ҳол, то замоне, ки арзишҳои масеҳӣ ба тадриҷ ва оҳиста-оҳиста заиф мешуданд, он ҷунбиш қисман муваффақ шуд. Натиҷаҳои номатлуби ин таҳаввулот эътирозотеро ба миён овард, ки боиси бознигарии ҷаҳонбинии динӣ дар саросари ҷаҳон шуд.[61] Алберт Швейтсери барандаи ҷоизаи Нобел дуруст гуфта буд: "Аз даст додани пояҳои ахлоқӣ боиси фурӯпошии тамаддун мешавад, ҳато агар ҳам пурқувваттарин нерӯҳои табиат аз дигар ҷиҳатҳо низ кор кунанд".[62] Ҳамин гуна ӯ бар ин бовар

аст, ки "контроли ахлоқии инсон бисёр муҳимтар аз контроли табиат аст".[63] Устоди донишгоҳи Ҳарвард Бенҷамин Фридман дар китоби нави худ изҳор медорад, ки рушди ахлоқӣ ва иқтисодӣ бо ҳам ҳамқадаманд ва яке дигареро тақвият мекунад.[64] Имом Ғазолӣ, Шотибӣ ва чанд тани дигар аз донишмандони мусулмон муддатҳо қабл аз нависандагони ғарбӣ бар ин бовар буданд, ки ақида дар роҳи расидан ба фалоҳи башарият аҳамияти бузург дорад.

Яке аз саволҳое, ки ин ҷо ба миён меояд ин аст, ки оё муаррифии ақида ба ин сурат озодии инсонро маҳдуд мекунад? Ба назар мерасад, ки ин кор ба чунин шевае нест, зеро инсонҳо ҳамчунон озод ва қодир ба интихоби пайравӣ аз воҷиботи имони худ хоҳанд буд. Озодии интихоб дар чанд ояти Қуръон омадааст, ки яке аз ин оёт ин аст: «Бигӯ: "Ин сухани ҳақ аз ҷониби Парвардигори шумост. Ҳар кӣ бихоҳад, имон биёварад ва ҳар кӣ бихоҳад, кофир шавад"» (Каҳф, 29). Агар инсонҳо динро низ рад кунанд, онҳо боз ҳам наметавонанд озодии мутлақ дошта бошанд, чун дар ҳар як ҷомеа маҳдудиятҳое барои озодӣ, яъне кодекси рафторӣ вуҷуд дорад. Мисол, чароғаки сурхи роҳнамоӣ ва ронандагӣ низ маҳдудияте дар озодии шахс аст, аммо касе ба он эътироз намекунад, чун медонанд, ки он барои пешгирии садама ва ҳифзи мардум аз фалокат аст ва дар натиҷа василае барои расидан ба *фалоҳ* мебошад.

## *1.6. Нақши давлат*

Ақида ба танҳоӣ наметавонад инсонро ба фалоҳи ростӣ расонад. Шояд ин гумон ҳам воқеият надошта бошад, ки тамоми аъзои ҷомеа аз сабаби имон ба Худо ва масъулият назди Ӯ дар охират аз ахлоқи нек дар тамоми соҳаҳои ҷомеа бархӯрдор бошанд. Илова бар ин, мумкин аст ҳатто шахси огоҳ аз ахлоқ ба содагӣ авлавиятҳои иҷтимоӣ дар истифодаи манобеъро нодида бигирад. Ин амр давлатро водор месозад, ки дар ин росто нақши такмилӣ дошта бошад. Паёмбари Худо (с) дар ҳадисе мефармояд: "Худованд ба воситаи султон таъсиреро мегузорад, ки бештар аз Қуръон аст".[65] Қуръон арзишҳоро танҳо баён медорад ва татбиқи он ба зиммаи худи Қуръон нест, чун ин нақши давлат аст. Бинобар ин,

масъулияти ахлоқӣ ва қонунии давлат ин аст, ки адл ва *фалоҳро* барои ҳар фарди ҷомеа фароҳам оварад. Аз ин ҷост, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ба бандае, ки Худованд сарпарастии касеро ба ӯ вогузор мекунад ва ӯ онро бе насиҳат мегузорад, бӯи биҳишт намерасад".[66] Ин мавзӯъ дар навиштаҳои чанде аз нависандагони гузашта ва муосир низ зикр гардидааст. Ба таври намуна, Имом Ҳасан Банно таъкид мекунад, ки "Давлат, бешак, қалби ҳамаи ислоҳоти иҷтимоӣ аст. Агар ӯ вайрон шавад, ҳама чиз вайрон мешавад ва агар ислоҳ шавад, ҳама чиз ислоҳ мешавад".[67]

Ба ҳар ҳол, давлат бояд талош кунад, ки ин корро ба гунае анҷом диҳад, ки аз тоталитаризм ва истибдод пешгирӣ кунад, зеро маҳдудияти беш аз ҳад бар озодии шахс латмаи бузурге ба ибтикор ва навоварии мардум мешавад. Ин кор ба баррасӣ ва тавозуни муассир ниёз дорад, ки давлат бояд тавассути он ҳидоят шавад ва ниҳодҳое чун маҷлис (парлумон), ҳокимияти судии бетараф, матбуоти озод ва қонуну дастурамалҳое, ки дорои диди дуруст ҳастанд, омилҳои асосии он бошанд. Ҳамаи ин бояд тавассути ангезаҳо ва монеаҳои моддии дуруст барои ташаккули заминаи ахлоқии ҷомеа ва фароҳам овардани муҳити мусоид ба роҳ андохта шавад. Бо вуҷуди ин, ҳеҷ гуна роҳи гурез аз тарбияи солими ахлоқӣ ва омӯзиши мардум барои эҷоди як роҳи ҳавасмандгардонӣ барои анҷоми корҳои нек ва худдорӣ кардан аз *зулм* вуҷуд надорад.

Ҳар қадар, ки ангезаи одамҳо барои амалӣ сохтани арзишҳои исломӣ ба танҳоӣ бештар бошад ва қудрати муассисаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, судӣ ва молӣ дар эҷоди муҳити мусоид дар таҳияи низоми одилонаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бештар бошад, нақши давлат дар иҷрои қонунҳои рафторӣ ва ҳадафҳои матлуби иҷтимоӣ кам мегардад. Афзун бар ин, ҳар қадар, ки масъулияти роҳбарияти сиёсӣ нисбат ба аъзои ҷомеа бештар бошад, озодии баён бештар гардад, муваффақкияти ҳокимиятҳои қонунбарор ва судӣ ва васоити ахбори омма дар кашф ва ҷазоӣ беадолатӣ ва фасод бештар бошад ва давлати исломӣ дар анҷоми вазифаҳои худ тавонотар мешавад. Якчанд усули дигар дар ҷомеаҳои мухталиф барои ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ истифода мешаванд, ки

шояд ҳатто дар кишварҳои мусулмонӣ сазовори татбиқ бошанд, агар дар воқеъ ин усул қобили иҷро ва имконпазир бошанд.

### *2. Такмили ақл (Расми 4)*

Ақл аломати хосси инсон аст ва барои бардоштани сатҳи дониш ва қобилияти техникии инсон ва ҷомеа ва барои пешбурди рушд ва фалоҳи башарият ба такмили доимӣ ниёз дорад. Имом Ғазолӣ бар ин аст, ки: "Ақл сарчашма, поя ва асоси илм аст. Сарчашма гирифтани илм аз *ақл* монанди мева аз дарахт, равшанӣ аз хуршед ва дид аз чашм аст. Пас чӣ гуна *ақл* соҳибиззат набошад, дар ҳоле, ки василаи саодат дар дунё ва охират аст?"[68] Тамаркуз кардан бар нақши имон дар роҳи расидан ба дидгохи исломӣ барои рушд аҳамияти ақлро нодида намегирад. Ваҳй ва шинохти мантиқӣ монанди қалб ва ақли инсон аст, ки ҳар кадом нақши муҳим дар зиндагиро дорад. Агар хоҳони расидан ба дараҷаи баланди фалоҳи башарият ҳастем, пас набояд аз ҳеҷ як кадоми ин ду сарфи назар кунем.

Имон ақлро ба роҳи дуруст ҳидоят мекунад. Ақл бе имон мумкин аст инсонро ба сӯи қаллобӣ, истисмори дигарон ва сохтани силоҳҳои қатли ом бибарад. Дар айни замон, ки *ақл* барои хизмат ба насли башар ба роҳнамоии имон ниёз дорад, имон низ барои ҳифзи нишот ва таҳарруки худ барои вокуниши бомуваффақ ба муҳити тағйирёбандаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фикрӣ; ба рушди технологияҳое, ки бо вуҷуди камбуди манобеъ ба тезондани пешрафт мусоидат мекунанд; ва ба иҷрои нақши муҳим дар амалӣ кардани *мақосиди шариат* ба талошҳои *ақл* ниёз дорад. Ҳамон гуна, ки ишора шуд, идроки ақлӣ ва ваҳй аз аҳамияти хоссе бархӯрдор ҳастанд, ки яке аз дигаре вобаста аст. Истифодаи ҳамаҷонибаи идроки ақлӣ ва ваҳй барои рушди дониш ва усулҳо барои пешбурди фалоҳи башарият мусоидат мекунад, на ин, ки онро аз байн бибарад. Нодида гирифтани ҳар яки онҳо дар ниҳоят ба таназзул оварда мерасонад. Худи Қуръони карим ба истифодаи мантиқ ва фикру андеша кардан ташвиқ мекунад (Оли Имрон, 190-191; Фусилат, 5).

Тавачҷух ба истифодаи *ақл* ва идрок дар навиштаҳои бештари уламои мусулмон дар тӯли таърих бозтоб ёфтааст. Ба таври мисол, Ибни Таймия ба таври равшан изҳор медорад, ки гирифта шудани ақида, ибодот ва арзишҳои мусулмонон аз Қуръон, суннат ва иҷмои уммат "бо ақли солим мухолиф нест ва ҳар чӣ бо ақли солим мухолиф бошад, беэътибор аст".[69] Ибни Таймия меафзояд, ки шояд мардум матнҳои Қуръон ва суннатро нафаҳманд ё аз онҳо маънои нодуруст бардошт кунанд, чун онҳо калимоти душворфаҳм доранд, аз ин рӯ мушкил аз ҷониби худи онҳост, на аз Куръон ва суннат.[70] Шайх Мустафо Зарқо, яке аз олимони барҷаста ва муҳтарами асри XX ва барандаи ҷоизаи Шоҳ Файсал, ба таври возеҳ изҳор медорад: "Дар байни донишмандони мусулмон собит шудааст, ки ҳеҷ чизе дар имон ва аҳкоми Ӯ таоло вуҷуд надорад, ки бо *ақл* мухолифат дошта бошад".[71]

### *2.1. Таваҷҷуҳ ба мақосид ҳангоми тафсири матнҳо*

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки имон ва *ақл* аз ҳамдигар вобастаанд ва бояд тавре истифода шаванд, ки яке кумакрасони дигаре бошад ва дар роҳи расидан ва *мақосид* саҳмгузор бошанд. Дар сурати набуди накши фаъоли *ақл*, истифодаи ҷиддӣ ва арзёбии мантиқӣ аз тафсирҳои мухталифи Қуръон, суннат ва аҳкоми фиқҳӣ дар роҳи расидан ба *мақосид* имконнопазир аст. Ҳар тафсир ё ҳукме, ки бо *мақосид* созгор набошад ва паёмадҳои зараровар ба фалоҳи башарият дошта бошад, ба баррасии дақиқ ниёз дорад ё бояд ба таври куллӣ лағв карда шавад. Теъдоде аз донишмандони барҷастаи мусулмон ба ин мавзӯъ ишора намудаанд. Имоми Ҳарамайн Абулмаонӣ Ҷувайнӣ (1028 — 1085) мегӯяд: "Касе, ки мақосидро дар амрҳо ва наҳйҳо нафаҳмад, аз ҳоли шариат бехабар аст".[72] Шайх Муҳаммад Тоҳир ибни Ошур низ чунин ишора мекунад: "Бештари масоили фиқҳӣ ба хизмати шариат ва *мақосиди* он марбут нестанд, балки гирди истинботи аҳком аз калимаҳои кӯчагӣ чарх мезананд".[73] Натиҷаи таассуфовар ин аст, ки "бисёре аз илмҳои динӣ, аз ҷумла усули фиқҳ, рӯҳияи баландеро, ки дар садаҳои нахустини худ дошт, аз даст додааст ва барқарор кардани ин рӯҳия имрӯз яке аз муҳимтарин

*заруриёт* барои расидан ба як наҳзати илмии динӣ аст".[74]

Таваҷҷуҳ ба *мақосид*, на ба маънои луғавии матнҳо, на танҳо барои нигоҳ доштани ҷавҳари аслии таълимоти исломӣ, балки барои коҳиши ихтилофи назарҳо, таассубҳо, таҳаммулнопазирӣ ва таваҷҷуҳи ташвишовар ба зоҳир мусоидат мекунад. Ба ҳар ҳол, чунин нақши якпорчагӣ ва муттаҳидсозӣ байни *ақл* ва ваҳй бе вуҷуди низоми таълимӣ дар кишварҳои мусул-

(Расми 4).



монӣ, ки омӯзиши илмҳои муосирро бо илмҳои динӣ якҷо кунад ва ба донишҷӯён тафаккуру таҳлил ва тафсири матнҳо дар партави мақосидро омӯзонад, бо таваҷҷуҳ ба нигоҳ доштани ҷунбиши ислом ва қобилияти он дар ҳалли мушкилоти ҳаёти муосир, имконнопазир аст.

### *2.2. Зарурати таълими динӣ ва илмӣ дар сатҳи баланд*

Шубҳае нест, ки дурнамои ҷаҳонӣ, ки ба ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва такомули инсон аҳамияти зиёд медиҳад, ба таълим таваҷҷуҳи зиёд дорад. Ҷои тааҷҷуб ҳам нест, ки нахустин ваҳйи қуръонӣ ба Паёмбари Худо (с) ин фармудаи Ӯ таъоло буд: "Бихон ба номи Парвардигорат, ки (ҳамаи ҷаҳонро) биёфарид. Одамиро аз лахтаи хуне биёфарид. Бихон! Ва Парвардигори ту арҷмандтарин аст. Худое, ки ба воситаи қалам омӯзиш дод, ба одамӣ он чиро, ки намедонист, биёмӯхт" (Алақ, 1-5). Паёмбари Худо (с) низ таълимро аз дидгоҳи исломӣ мақоми баланд дода, талаб кардани илмро бар ҳар мусулмон (чӣ мард бошад, чӣ зан) фарз гардонид ва фазли олим бар обидро ба фазли моҳ бар ситорагон баробар қарор дод.[75] Фақат омезиши таълими динӣ бо дунявӣ метавонад заминаи муносибро барои мардум фароҳам кунад, то дар бораи арзишҳои ҷомеаи худ огоҳӣ дошта бошанд, тавонои ва қобилияти худро рушд диҳанд, то роҳи даромади ҳалолро ба худ касб кунанд ва ин тавоноиро низ дошта бошанд, ки ба таври комил дар пешрафти илм ва технология мушорикат дошта, ба аҳдофи худ бирасанд. Адабиёти фиқҳӣ дар бораи тамаркузи Қуръони карим ва суннат бар илм таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, то ҷое, ки Абу Заҳра, яке аз фақеҳони барҷастаи қарни бист, мегӯяд: "Инсон тарбия мешавад, ки манбаи фоида бошад, на манбаи зарари ҷомеаи худ".[76]

### *2.3. Талаботи дигар*

Агар аз омӯзиш ва пажӯҳиш ба хотири тезонидани раванди пешрафти ахлоқӣ, моддӣ ва технологии ҷомеаи мусулмонон истифода шаванд, дар ин сурат бояд аз имтиёзҳои баланд бархӯрдор бошанд. Агар имконоти илмӣ ва китобхонаҳо муҳайё набо-

шанд, агар озодии фикр ва баён вуҷуд надошта бошад, агар ҳеҷ гуна мукофоти муфид барои корҳои эҷодӣ набошад, агар эҷоди ҷойҳои кор ва пешрафт дар муносибатҳо набошад ва агар эҳтиром ва иштирок дар ҷомеа ба ҷои чоплусӣ набошад, ин ҳадафҳо танҳо як орзу хоҳанд монд. Камбуд ва эҳтиёҷ ба даромадҳои молӣ метавонад пешбурд ва тараққии таълими баландсифатро боздорад. Аммо агар таълим, пажӯҳиш ва пешрафти технологӣ аз талаботи муҳими рушд ва равнақ бошанд, ба ин мақсад бояд фасоди молӣ коҳиш дода ва манобеъ аз ҳар макони дастрас ҷалб карда шавад (Расми 4).

## *3. Такмили насл (Расми 5)*

## *3.1. Рушди ахлоқӣ*

Ҳеҷ тамаддуне наметавонад зинда бимонад, агар наслҳои ояндаи он аз нигоҳи руҳӣ, моддӣ ва ақлӣ аз гузаштагони худ пасттар бошанд, аз ин рӯ ба посухгӯии бомуввафақият ба чолишҳои пеши рӯ қодир буда наметавонанд. Бинобар ин, бояд як пешрафти доимӣ дар сатҳи наслҳои минбаъда эҷод шавад, ки ин худ ба як чанд омил вобаста аст. Аз миёни ин омилҳо навъи тарбияте аст, ки кӯдакон ба он ноил мешаванд. Барои ин, ки фарзандони мусулмон соҳибфазилат шаванд, бояд тамоми вижагиҳои ахлоқи некро, ки Ислом дар пайравонаш дидан мехоҳад, дар қалби онҳо кошта шавад. Бинобар ин, кӯдакон бояд аз кӯдакӣ амонатдорӣ, ростқавлӣ, самимият, сабр, интизом, ҷиддият дар кор, идоракунӣ, адабиёт, эҳтиром ба падару модар ва муаллимонро биомӯзанд, дар анҷоми вазифаҳо нисбати дигарон, бавижа фақирону мустамандон содиқ бошанд ва тавоноии бархӯрди сулҳомез бо дигаронро дошта бошанд.

### *3.2. Тарбияи дуруст ва саломатии оила*

Оила нахустин мактаб барои тарбияти ахлоқии кӯдакон аст. Агар оила натавонад фарзандонро бо хислатҳои хубе, ки ислом онҳоро дар пайравонаш дидан мехоҳад, таъмин кунад, бартараф кардани мушкилҳо дар оянда душвор мешавад.

(Расми 5).




Ба ҳар ҳол, агар падару модар сифатҳое, ки дар он рӯҳияи таълимоти исломӣ инъикос меёбад, надошта бошанд, оила наметавонад аз уҳдаи иҷрои ин масъулияти бузург барояд. Дар ин ҳолат, падару модар тавони онро нахоҳанд дошт, ки барои фарзандони худ намунае бошанд ё он чизеро, ки лозим доранд, дар ихтиёри онҳо гузоранд ё барои табдил шудани фарзандон ба инсонҳои бофазилат ва бомаҳорат муваффақ шаванд. Илова бар ин, бояд дар хонавода фазои муҳаббат, отифа ва оромиш ҳукмфармо бошад, чуноне, ки Қуръони карим мефармояд (Рум, 21). Чунин фазо танҳо дар сурате имконпазир хоҳад буд, ки ҳар яке аз волидон вазифаҳои худ дар назди ҳамдигарро бо самимият ва муҳаббат иҷро намоянд. Бояд ба ё дошта бошем, ки ҳолати бадтар аз мунокишаҳои бардавом миёни во-

лидайн барои кӯдакон вуҷуд надорад. Ихтилоф байни волидон дар ниҳоят метавонад ба талоқ расонад, ки ба рушди маънавӣ, зеҳнӣ ва равонии кӯдакон таъсири ҷиддӣ мерасонад.[77] Агарчи Ислом талоқро ҳалол донистааст, Паёмбари Худо (с) дар ин бора мефармояд: "Нафратангезтарин ҳалол назди Худованд талоқ аст".[78] Инчунин ӯ (с) фармудааст: "Издивоҷ кунед ва талоқ надиҳед, чун аз талоқ Арш ба ларза меояд".[79] Бинобар ин, бояд барои ҳифзи хушбахтии кӯдакон то ҳадди имкон аз талоқ худдорӣ шавад ва дар ҳолати аз ҳад зиёди зарурат, агар талоқ лозим шуд, талош кунанд, ки кӯдакон аз асароти манфии он дар амон монанд.

### *3.3. Рушди зеҳнӣ*

Илова бар амнияти оила ва тарбияи дурусти ахлоқии фарзандон, омили дигаре, ки барои такмили *насл* зарур аст, фароҳам кардани таҳсилоти солим барои онҳо мебошад, то қобилияти нигоҳубини корҳои худ ва иштироки фаъол дар рушди маънавӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, зеҳнӣ ва техникии ҷомеаи худро дошта бошанд. Бинобар ин, доштани мактаб, коллеҷ ва донишгоҳҳои хуб ҳатмӣ ва зарурӣ аст. Ин шояд ҳамон заминае аст, ки мусулмонон тайи якчанд асри ахир амалкарди заифе дар он доштанд, дар ҳоле, ки дар ин ҷода дар асрҳои гузашта муваффақиятҳои чашмрасе аз худ гузошта буданд. Аз ин ҷиҳат, агар соҳаи маориф авлавиятҳои мавриди назар ва даромадҳои мавриди ниёзи худро ба даст наорад, кишварҳои мусулмонӣ наметавонанд ба раванди рушд суръат бахшанд ва бомуваффақият бо чолишҳо рӯбарӯ шаванд. Паёми возеҳе, ки бояд рӯи деворҳо навишта шавад, ин аст: "Таълим, таълим, боз таълим". Агар таълим ройгон набошад, пас мутобиқи ниёз густариш намеёбад ва агар ба таври ройгон имконпазир набошад, пас бояд дастрас бошад. Дар ғайри ин сурат, танҳо сарватмандон метавонанд таълими босифатро барои фарзандони худ таъмин кунанд ва ин амр метавонад боиси нобаробарӣ дар тақсимоти даромад ва дороӣ гашта, ба афзоиши танишҳо ва бесуботии иҷтимоӣ бирасонад. Муроҷиа кардан дар ҳоли норасоии даро-

мад барои ин соҳа хеле муҳим аст, чун рушди маориф бисёр муҳим мебошад ва бояд аз афзалияти баланд бархӯрдор бошад, ҳатто агар интиқоли маблағҳо аз дигар соҳаҳоро талаб кунад.

### *3.4. Қонеъ гардонидани талабот ва муҳити солим*

Ду омили зарурии дигар барои такмили фарзандон вуҷуд дорад. Яке ин, ки тамоми ниёзҳои онҳо бароварда шавад, аз ҷумла ҳифзи саломатӣ, то аз нигоҳи ҷисмонӣ ва равонӣ солим бошанд ва ба таври муассир тавони фаолият дар ҷомеаро дошта бошанд, чуноне, ки Паёмбари Худо (с) мефармояд: "Мусулмони қавӣ назди Худо беҳтар ва маҳбубтар аз мусулмони заиф аст".[80]Агар кӯдакон ба ғизои мувофиқ, муҳити солим ва нигоҳубини хуби тиббӣ дастрасӣ надошта бошанд, аз тавон ва саломатӣ дар ҷавонии худ бархӯрдор нахоҳанд шуд ва ба ин тартиб қобилияти иштироки пурмаҳсул дар ҷомеаи худро нахоҳанд дошт, ҳатто агар дорои ахлоқи дуруст ва таҳсилоти хуб бошанд.

### *3.5. Озодӣ аз тарс, низоъҳо, ноамнӣ ва бори гарони қарз*

Омили дигаре, ки барои такмили фарзандон зарурист, озод будан аз тарсу ҳарос, низоъҳо ва ноамниҳо ва бори гарони қарзҳое аст, ки насли имрӯз бо ҳадафҳои гуногун мегиранд. Бо сиёсатҳои таҳаммулпазирӣ ва ҳамзистии мусолиматомез тарсу ҳарос, низоъ ва ноамниро коҳиш додан мумкин аст. Ҳамчунин бояд барои фароҳам кардани фазое, ки дар он ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармо бошад, ва решакан кардани ҳамаи омилҳои танишзо маблағ ҷудо карда шавад. Коҳиш додани бори гарони қарзҳо ба воситаи ду кор мумкин аст:

***Якум:*** Тағйир додани тарзи ҳаёти насли ҳозира барои коҳиши тамоюл ба зиндагии берун аз ҳадди тавон. Таъсире, ки аз он ба даст меояд, на танҳо қарзҳои бахши хусусиро коҳиш медиҳад, балки ба афзоиши пасандозҳо ва ҷойҳои кор барои ҷавонон низ мусоидат хоҳад кард.

***Дуюм:*** Интизоми бештар дар буҷети давлат бо *мақсади* кам кардани касри он, ки боиси афзоиши бори хидматрасонии қарз мешавад. Ин кор ба таъмини манобеи мавриди ниёз барои расидан ба ҳадафҳо низ кумак хоҳад кард.

### *4. Рушд ва густариши мол (Расми 6)*

Мол дар таснифи *мақосид* назди Имом Ғазолӣ ва Шотибӣ дар охири ҷадвал қарор дорад, аммо ин маънои онро надорад, ки аҳамияти молу мулк камтар аз чор *мақсади* дигар аст. Шояд *мол* ҳам ба андозаи чор *мақсади* асосии дигар аз аҳамият бархӯрдор бошад, зеро дар ҳоли набуди он, мумкин аст чор *мақсади* дигар тавони ба андозаи лозим ба фалоҳи ҳамагонӣ расиданро надошта бошанд. Ҷои шакке нест, ки гӯшанишинӣ ва дасткашӣ аз манфиатҳои шахсӣ дар зиндагӣ дар Қуръон ва суннат ғайри қобили қабуланд. Қуръони карим дар ин мавлид мефармояд: "Ва раҳбонияте (узлат; гӯшанишинӣ), ки ба бидъат овардаанд, Мо бар онҳо муқаррар накардаем" (Ҳадид, 27). Шояд аз ин сабаб буд, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: "Дорой барои касе, ки аз аҳли тақвост, боке надорад".[81] Ва ӯ (с) низ мефармояд: "Ҳар касе барои моли худ кушта шавад, шаҳид аст".[82] Шояд аз ин сабаб буд, ки фақеҳ ва муфассири барҷаста Фахриддини Розӣ дар ҷадвали *мақосиди* панҷгона "*мол*"-ро пас аз "ҷон" ("*нафс*") гузоштааст.[83]

Мол амонат аз ҷониби Парвардигор аст ва бинобар ин бояд барои решакан кардани камбизоатӣ, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҳамаи мардум, таъмини зиндагии хуб барои ҳар як шахс ба қадри тавон, тақсимоти одилонаи даромад ва боигарӣ, аз рӯи виҷдон ва садоқат истифода шавад. Молу мулк пеш аз ҳама бояд барои дастёбӣ ба *мақосид* истифода шавад. Аз ин ҷост, ки *дин* тавассути арзишҳо ва системаи ҳавасмандгардонии худ нақши меҳварӣ дорад. Бе арзишҳои динӣ молу мулк худ аз худ ба беарзишӣ ва нестшавӣ рӯ меорад, ба бепарвой ва бевиҷдонӣ мерасонад, нобаробарӣ ва беадолатӣ бештар мегардад, зиёдаравӣ ва набуди тавозун сар мезанад ва дар ниҳоят сатҳи расидан ба *фалоҳро* барои насли имрӯз ва оянда маҳдуд мекунад. Барои ҳамин Паёмбари Худо (с)


РУШД ВА ГУСТАРИШИ МОЛ, КИ АМОНАТЕ АЗ ҶОНИБИ ХУДОСТ
Имко-ниятҳои бакоргирӣ ва худкор-кунӣ
Озодии кор ва тиҷорат
Ҳукуматдо-рии хуб
Бехатарии ҳаёт, мол ва обурӯ
Таълим, таҳқиқот рушди фановарӣ ва мудирият
Сатҳи оптималии рушд
Пасандоз ва сармоя-гузорӣ
Ҳамбаста-гии иҷти-моӣ ва эътимоди мутақобил
Рафъи фақр, баровардa сохтани ниёзҳо ва тақсимоти одилона
Ғанисозии имон, худ, ақл ва насл
Фалоҳ

(Расми 6).

фармуд: "Бадбахт аст бандаи динор, бадбахт аст бандаи дирҳам ва бадбахт аст бандаи бахмал, ки агар ба ӯ дода шавад, хушнуд мегардад, ва агар дода нашавад, нохушнуд мешавад".[84] Бинобар ин, *дин* ва *мол* бо ҳам барои дастёбӣ ба фалоҳи мардумон аз аҳамияти вижае бархӯрдор ҳастанд ва аз ҳеҷ яке аз ин ду сарфи назар карда намешавад. Мол даромадҳои лозимеро фароҳам меорад, ки шахс бо он вазифаҳои худ дар назди Худо, худ, мардум ва муҳиту атроф анҷом медиҳад. Ин *дин* аст, ки дахл ва харҷ кардани молро танзим мекунад, ба он маъно мебахшад ва дар натиҷа дар роҳи расидан ба ҳадафҳои худ таъсири мусбат ва самаранок дорад.[85]

Инкишоф ёфтани *мол* низ барои расидан ба ҳадафҳои муҳими исломӣ дар баробари коҳиши нобаробарӣ дар тақсимоти даромад ва доройӣ зарурист. Бинобар ин, такяи бештар кардан бар равишҳои тақсими закот, корҳои хайрия ва вақфҳо хатост. Гарчанде ин масоил низ зарурӣ ҳастанд, аммо торти ватанӣ бояд ба баракати рушди иқтисод худ пухта шавад. Гузоштани бори гарони андоз бар сарватмандон ба мухолифати онҳо низ анҷом хоҳад ёфт, чуноне Қуръони карим ба таври равшан дар ин бора мефармояд (Муҳаммад, 37).[86] Кросленд, бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи сотсиалистӣ, дуруст қайд карда буд: "Ҳама гуна интиқоли назарраси сарват на танҳо коҳиши нисбӣ, балки коҳиши мутлақи даромади ҳақиқии нисфи некӯаҳволии ҷомеаро фаро мегирад... ва ин амр боиси ноумедӣ хоҳад шуд".[87] Таҷрибаи кишварҳои мусулмонӣ, агар беш аз ҳад ба тақсимоти одилона эътимод дошта бошанд, чандон фарқе аз ин вазъият намекунанд, ҳатто агар таҳаввули ахлоқӣ рух диҳад. Мусулмонон наметавонанд нақши рушди иқтисодиро дар коҳиш додани сатҳи *фақр* ва нобаробарӣ нодида бигиранд. Ва ин амр ҳимояи манобеи инсониро ба воситаи таҳаввулоти фарҳангӣ ба манфиати таълим, пешрафти техникӣ, меҳнати софдилона, уҳдадориҳо, салоҳият, таҳқиқот, интизом, кори гурӯҳӣ, менеҷмент (мудирият) ва як қатор хусусиятҳои дигари шахсӣ ва иҷтимоӣ, ки Ислом аз онҳо ёдовар шудааст, вале дар ҷомеаҳои исломӣ ҳанӯз заиф аст, талаб мекунад. Ин кор ҳатто дар мактабҳо, барномаҳои дарсӣ ва хутбаҳои масҷидҳо низ мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст. Илова бар рушд додани манобеи инсонӣ, зарур аст сиёсатҳои пулӣ, молӣ ва тиҷорӣ

дар партави таълимоти исломӣ бознигарӣ шаванд, то дар бораи рушди босуръат боварӣ ҳосил шавад. Истифода ва баҳрабардорӣ аз таҷрибаҳои кишварҳои дигар, ки тавонистаанд ба тараққӣ ё пешрафт дар ин ҷода ноил шаванд, агар мухолиф бо шариат набошад, ҷои нигароние вуҷуд надорад.

Барои таъмини адолати бештар дар раванди рушд дастгирии ширкатҳои хурд барои афзоиши ҷойҳои кор ва имкониятҳои худиштиғолӣ барои фақирон низ зарур аст. Ин амр бе дастгирии таълими касбӣ, маблағгузории хурд ва таъмини ниёзҳои таъхирнопазири инфрасохторҳо ва иншооти маркетингӣ дар деҳот ва маҳалҳои фақирнишини шаҳрҳо мумкин аст имконнопазир бошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки маблағгузории хурде, ки ба манфиати бонк асос ёфта бошад, боиси беҳтар шудани зиндагии фақиртарин табақаҳо он чунон, ки лозим аст, нагардидааст. Ин дар ҳолест, ки фоизҳои қарзӣ тақрибан аз 30% то 45% -ро ташкил медиҳанд, ки қарзгирандагонро дучори ранҷу машаққат карда, онҳоро ба як ҳалқаи қарзии беохир медароранд.[88] Сармоя доштан яке аз талаботи муҳим барои эҷоди сарват аст. Барои ҳамин шояд як шахси фақир натавонад аз *фақр* наҷот ёбад, ҳатто агар салоҳиятҳои лозимро низ дошта бошад, магар ин, ки нахуст сармояе ба даст оварад. Аз ин ҷиҳат, маблағгузории хурд бояд барои табақаҳои фақиртарини ҷомеа бе фоизҳои бонкӣ ва башардӯстона бошанд. Ин амр ба ҳамгироӣ байни маблағгузориҳои хурд ва муассисаҳои вақф ва закот ниёз дорад,[89] аммо барои тавонмандон метавон шаклҳои маблағгузории исломӣ, монанди саҳм дар суду зиён ва шаклҳои сохти фурӯш ва иҷоравиро ривоҷ дод.

## ХУЛОСА

Ҳамин гуна барои мо равшан шуд, ки Ислом тамоми унсурҳои фалоҳи инсонӣ, аз ҷумла ҷон, *дин*, *ақл*, *насл*, *мол* ва дигар унсурҳои тобеъро баён кардааст ва танҳо бо *мол* иктифо накардааст. Ҳамаи ин унсурҳо бо ҳам вобаста ва пуштибони ҳамдигаранд. Дар ҳоли дастёбӣ ба пешрафт дар заминаи такмили ҳамаи ин унсурҳо мумкин аст ситораи панҷгӯшаи Ислом боз ҳам бештар ҷилвагар гашта, роҳи расидан ба фалоҳи башариятро фарохтар созад. Танҳо дар ин сурат ҷаҳони Ислом метавонад бозтоби он чӣ бошад, ки Қуръони карим дар бораи Паёмбар (с) мегӯяд: "Мо туро ҷуз раҳмате барои ҷаҳониён нафиристодем" (Анбиё, 107).

Тамаркуз кардан танҳо бар рушди иқтисодӣ ва дар айни ҳол нодида гирифтани талаботи дигар барои расидан ба дидгоҳи исломӣ метавонад ба ҷаҳони Ислом имкон диҳад, ки дар кӯтоҳмуддат рушди баландтаре ба даст орад. Аммо пойдорӣ ва устувории дарозмуддати он аз сабаби афзоиши нобаробарӣ, парокандагӣ ва фурӯпошии оила, базаҳкории ноболиғон, ҷино-




*(Расми 7). Фалоҳи башарият дар партави мақосиди шариат*

яткорӣ ва нооромиҳои иҷтимоӣ имконнопазир мешавад. Ва ин таназзул метавонад ба воситаи "доираи сababӣ", ки Ибни Халдун дар "Муқадима"-и худ бар он исрор кардааст,[90] тадриҷан ба тамоми соҳаҳои сиёсат, ҷомеа ва иқтисод интиқол ёбад ва дар ниҳоят боиси он шавад, ки тамаддуни исломӣ аз сатҳи пасти кунунии худ, ки дар натиҷаи таназзули чандинасра ба он расидааст, боз ҳам пасттар шавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Манбаъҳои арабӣ

Абу Юсуф, Яъқуб ибни Иброҳим. Китоб ал-хароҷ. — Қоҳира: ал-Матбаъа ас-салафия, 1352 ҳ.қ.

Авда, Ҷобир. Фиқҳ ал-*мақосид*: Инотат ал-аҳком аш-шаръия би-мақосидиҳо. — Ҳерндон (ИМА): Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ, 2006.

Байҳақӣ, Абубакр. Шуъаб ал-имон / Зери таҳрири Муҳаммад Саид Басюнӣ Зағлул. — Бейрут: Дор ал-кутуб ал-ъилмия, 1990.

Банно, Ҳасан. Маҷмуъат ар-расоил. — Искандария: Дор ад-даъва, 1989.

Банно, Ҳасан. Ҳадис ас-суласо фӣ ал-Имом Ҳасан ал-Банно / Зери таҳрири Аҳмад Мусо Ошур. — Қоҳира: ал-Мактаба ал-кубро, 1985.

Бухорӣ, Муҳаммад ибни Исмоил. ал-Адаб ал-муфрад. — Қоҳира: Қусай Муҳибиддин Хатиб, 1379 ҳ.қ.

Бухорӣ, Муҳаммад ибни Исмоил. ал-Ҷомеъ ас-саҳеҳ. — Қоҳира: Муҳаммад Алӣ Субайҳ, бе зикри сана.

Ғазолӣ, Абу Ҳомид. ал-Мустасфо. — Қоҳира: ал-Мактаба ат-тиҷория ал-кубро, 1937.

Ғазолӣ, Абу Ҳомид. Эҳё улум ад-*дин*. — Қоҳира: Мактаба ва матбаъа ал-Машҳад ал-Ҳусайнӣ, бе зикри сана.

Зарқо, Мустафо Аҳмад. ал-Ақл ва ал-фиқҳ фӣ фаҳм ал-ҳадис. — Димишқ: Дор ал-қалам, 1996.

Зарқо, Мустафо Аҳмад. ал-Фиқҳ ал-исломӣ фӣ савбиҳи ҷадид. — Димишқ: Матобиъ алиф-бо ал-адиб, 1967.ҷ

Ибн Хоҷа, Муҳаммад Ҳабиб. Байна илмай Усул ал-фиқҳ ва Мақосид аш-шариъа: Таълиқ бар китоби "Мақосид аш-шариъа ал-исломия"-и Ибни Ошур. — Қатар: Вазорати авқоф ва умури исломӣ, 2004.

Ибни Касир, Абулфидо Исмоил. Тафсир ал-Қуръон ал-азим. — Қоҳира: Исо Бобӣ ал-Ҳалабӣ, бе зикри сана.

Ибни Моҷа, Муҳаммад ибн Язид. Сунан. — Қоҳира: Исо Бобӣ ал-Ҳалабӣ, 1952.

Ибни Ошур, Муҳаммад Тоҳир. Мақосид аш-шариъа ал-исломия / Зери таҳрири Муҳаммад Тоҳир Мисовӣ. — Урдун: Дор ан-нафоис, 2001.

Ибни Таймия, Аҳмад. ал-Ҳисба фӣ ал-ислом / Зери таҳрири Абдулазиз Рибоҳ. — Димишқ: Мактаба дор ал-баён, 1967.

Ибни Таймия, Аҳмад. Маҷмуъ ал-фатово / Зери таҳрири Абдурраҳмон Усаймӣ. — Риёз: Матобиъ ар-Риёз, 1963.

Ибни Таймия, Аҳмад. Минҳоҷ ас-сунан ан-набавия / Зери таҳрири Муҳаммад Рашод Солим. — Риёз: Ҷомеъа ал-Имом Муҳаммад ал-исломия, 1986.

Ибни Ҳазм, Алӣ ибн Аҳмад. ал-Муҳалло. — Бейрут: ал-Мактаба ат-тиҷория, бе зикри сана.

Иззуддин, Абдуссалом. Қавоъид ал-аҳком фӣ масолеҳ ал-аном. — Бейрут: Дор ал-маърифа, бе зикри сана.

Қарофӣ, Шаҳобуддин Аҳмад. аз-Захира / Зери таҳрири Муҳаммад Ҳиҷҷӣ. — Бейрут: Дор ал-ғарб ал-исломӣ, 1994.

Қуртубӣ, Абу Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ансорӣ. ал-Ҷомеъ ли-аҳком ал-Қуръон. — Бейрут: Дор ал-китоб ал-ъарабӣ, бе зикри сана.

Қуртубӣ, Абу Умар Ҳофиз ибни Абдулбарри Ансорӣ. Ҷомеъ баён ал-ъилм ва фазлиҳ. — Мадина: ал-Мактаба ал-ъилмия, бе зикри сана.ҷ

Мовардӣ, Абу-л-Ҳасан Алӣ. Адаб ад-дуня ва ад-*дин* / Зери таҳрири Мустафо Сақо. — Қоҳира: Мустафо Бобӣ ал-Ҳалабӣ, 1955.

Мунзирӣ, Абдулазим. ат-Тарғиб ва ат-тарҳиб / Зери таҳрири Мустафо Мухаммад Амора. — Бейрут: Дор ал-кутуб ал-ъилмия, 1986.

Муслим, Абу-л-Ҳусайн ибни Ҳаҷҷоҷ. Саҳеҳ / Зери таҳрири Муҳаммад Фуод Абдулбоқӣ. — Қоҳира: Исо Бобӣ ал-Ҳалабӣ, 1955.

Надвӣ, Алӣ Аҳмад. Ҷамҳарат ал-қавоид ал-фиқҳия фӣ муомалот

ал-молия ал-исломия. — Риёз: Ширка ар-Роҷиҳӣ ал-масрафия ли-листисмор, 2000.

Нисоӣ, Абу Абдурраҳмон ибни Шуайб. Сунан. — Қоҳира: Мустафо Бобӣ ал-Ҳалабӣ, 1964.

Райсунӣ, Аҳмад. Назарият ал-*мақосид* ъинда Имом аш-Шотибӣ. — Риёз: Дор ал-ъилмия ли-л-кутуб ал-исломия, 1992.

Розӣ, Фахриддин. ал-Маҳсул фӣ ъилм усул ал-фиқҳ / Зери таҳрири Ҷобир Файёз Алванӣ. — Бейрут: ар-Рисола, 1997.

Розӣ, Фахриддин. ат-Тафсир ал-кабир. — Бейрут: Дор эҳё ат-турос ал-ъарабӣ, бе зикри сана.

Сархасӣ, Шамсуддин. Китоби ал-мабсут (ба вижа "Китоб ал-касб"-и Шайбонӣ дар ҷузъи 30). — Бейрут: Дор ал-маърифа, бе зикри сана.

Сиҷистонӣ, Абу Довуд. Сунан. — Қоҳира: Исо Бобӣ ал-Ҳалабӣ, 1952.

Суютӣ, Ҷалолиддин. ал-Ҷомеъ ас-сағир. — Қоҳира: Абдулҳамид Аҳмад Ҳанафӣ, бе зикри сана.

Табрезӣ, Волиюддин. Мишкот ал-масобеҳ / Зери таҳрири Муҳаммад Носириддин Албонӣ. — Димишқ: ал-Мактаба ал-исломия, 1966.

Тантовӣ, Али ва Ноҷӣ. Ахбор Умар. — Димишқ: Дор ал-фикр, 1959.

Тирмизӣ, Муҳаммад ибни Исо. Ҷомеъ ат-Тирмизӣ маъа таълиқ Туҳфат ал-Аҳвозӣ. — Бейрут: Дор ал-китоб ал-ъарабӣ, бе зикри сана.

Ходимӣ, Нуриддин Мухтор. ал-Иҷтиҳод ал-мақосидӣ: ҳуҷҷиятуҳу ва завобитуҳу ва маҷолотуҳу. — Риёз: Мактаба ар-Рашид, 2005.

Шотибӣ, Абу Исҳоқ. ал-Мувофақот фӣ усул аш-шариъа. — Қоҳира: ал-Мактаба ат-тиҷория ал-кубро, бе зикри сана.

## Манбаъҳои англисӣ

Ahmad, Khurshid. Studies in Islamic Economics (Leicester, UK: The Islamic Foundation, 1980).

Ahmad, Qazi Kholiquzzaman. Socio-Economic and Indebtedness-Related Impact of MicroCredit in Bangladesh (Dhaka: The University Press, 2007)

Alden. A. J. Free Action (London, 1961).

Bachman, Jerald, et. al. The Decline in Substance Use in Young Adulthood: Changes in Social Activities, Roles and Beliefs (Mahway, NS: Lawrence Erlbaum Associates, 2002).

Blanchflower, David, and Andrew Oswald, "Well-being over Time in Britain and the USA" (2000). NBER Working Paper 7487.

Chapra, M. Umer, "Challenges Facing the Islamic Financial Industry" in M. Kabir Hassan and Merwyn Lewis (eds.), Handbook of Islamic Banking (Cheltenham, UK: Edward Elgar, 2007b), pp. 325-357.

Chapra, M. Umer. "The Case Against Interest: Is it Compelling?" in Thunderbird International Business Review, 2007a, 49/2, March/April, pp. 161-186.

Chapra, M. Umer. Muslim Civilization: The Causes of Decline and the Need for Reform (Leicester, UK: The Islamic Foundation, 2008).

Chapra, M. Umer. The Future of Economics: An Islamic Perspective (Leicester, UK: The Islamic Foundation, 2000).

Chapra, M.Umer. Islam and the Economic Challenge (Leicester, UK: The Islamic Foundation, 1992).

Crossland, C.A.R. Socialism Now (London: Jonathan Cape, 1974).

Diener, E., and Shigehiro Oishi. "Money and Happiness: Income and Subjective Wellbeing" in E. Diener and E. Suh, eds., Culture and Subjective Well-being (Cambridge, MA: MIT Press, 2000).

Easterlin, Richard. "Does Growth Improve the Human Lot? Some Empirical Evidence" in Paul David and Melwin Reder, eds., Nations and Households in Economic Growth: Essays in Honour of Moses Abramowitz (New York: Academic Press, 1974).

Easterlin, Richard. “Income and Happiness: Towards a Unified Theory”, in Economic Journal, 2001, 111:473.

Easterlin, Richard. “Will Raising the Income of all Increase the Happiness of All?” in Journal of Economic Behaviour and Organization, 1995, 27:1, pp. 35:48.

Ellison, Christopher. “Religion, the Life Stress Paradigm, and the Study of Depression”, in Jeffrey Levin, ed., Religion in Aging and Mental Health: Theoretical Foundations and Methodological Frontiers (Thousand Oaks, CA: Sage, 1993), pp. 78–121.

Ellison, Christopher. “Religious Involvement and Subjective Well-being”. Journal of Health and Social Behaviour, 1991, 31:1, pp. 80–99.

Friedman, Benjamin. Moral Consequences of Economic Growth (New York: Knopf, 2005).

Fulton, John, and Peter Gee (eds.). Religion and Contemporary Europe (Lampeter, UK: The Edwin Press, 2004). See also the review of this book by Murad Hofmann in the Muslim World Book Review, 4/1997, pp. 40–41.

Gruber, Jonathan. “Religious Market Structure, Religious Participation, and Outcomes: Is Religion Good for You?” NBER Working Paper 11377, May (Cambridge, MA: National Bureau of Economic Research, 2005).

Hausman, Daniel, and Michael McPherson. “Taking Ethics Seriously: Economics and Contemporary Moral Philosophy”, in the Journal of Economic Literature, June, 1993.

Hook, Sidney (ed.). Determinism and Freedom in the Age of Modern Science (New York: 1958).

Hout, Michael, and Andrew Greeley. “Religion and Happiness” paper prepared for the annual meeting of the American Sociological Association, 2003.

Iannaccone, Laurence. “Introduction to the Economics of Religion” Journal of Economic Literature, September 1998, pp. 1465–1496.

Iqbal, Muhammad. Payam-e-Mashriq (Lahore: Shaykh Mubarak Ali, 1954).

Islamic Research and Training Institute. “Framework for the Development of Microfinance Services” (Jeddah: IRTI, 2007).

Kerry, Charles. “Does Growth Cause Happiness, or Does Happiness Cause Growth?” in Kyklos,1999, 52:1, pp. 3-26.

Lehrer, Evelyn, and Carmel Chiswick, “Religion as a Determinant of Marital Stability”, Demography,1993, 30, pp. 383-404.

Manser, Anthony. Sartre: A Philosophic Study (London: Athlone Press, 1966).

Morgenbesser, Sidney, and James Walsh (eds.). Free Will (Englewood Cliffs, N.J.: 1962).

Oswald, Andrew. “Happiness and Economic Performance,” in Economic Journal, 1997, Vol. 107:445, pp. 185-1831.

Sartre, Jean-Paul. Being and Nothingness, tr. by Hazel Barnes (London: Methuen, 1957).

Stevenson, Leslie. Seven Theories of Human Nature, (Oxford: Clarendon Press,1974).

Wallace, John, and David Williams. “Religion and Adolescent, Health-Compromising Behaviour”, in J.L. Schulenburg, J.L. Maggs, and K. Hurrelmar, eds., Health Risks and Developmental Transitions During Adolescence (Cambridge, UK: Cambridge University Press, 1997), pp. 444-468.

Williams, Bernard. Ethics and the Limits of Philosophy (Cambridge, MA: Harvard University Press, 1985).

Zarqa, Anas, “Islamic Economics: An Approach to Human Welfare” in Khurshid Ahmad (ed.) Studies in Islamic Economics, International Centre for Research in Islamic Economics, (King Abdul Aziz University, Jeddah, and the Islamic Foundation, U.K., 1980), pp. 13-15.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1 Барои таҳлили бештари "Доираи сababӣ"-и Ибни Халдун ниг.: Chapra. 2000. PP. 145-159.

2 Дар ин оят ибораи "раҳмат ба ҷаҳониён" ба кор бурда шудааст. Ин ибора дар миёни муфассирони Қуръон маъноҳои гуногун дорад, ки бархе маънои фаротаре ба он дода, ҳамаи офаридаҳои Худовандро шомили он донистаанд. Бархе дигар ба он маънои тангтар дода, танҳо ҳама ҳастии сайёраи заминро шомили он медонанд, яъне ҳамаи инсонҳо, ҳайвонот, парандагон, ҳашарот ва тамоми моддиёти заминӣ. Ниг.: Қуртубӣ. Ҷомеъ ли-аҳком ал-Қуръон. 1952. Ҷ. 1. С. 138. Тафсири нахустин ояти аввалин сураи Қуръони карим. Ин ҷо ибораи "насли башар" бар асоси ин фарзия ба кор бурда шудааст, ки наҷоти насли башар бе ҳифзи муҳити зист имконпазир нест.

3 Фалоҳ — наҷот, растагорӣ, комёбӣ, некӯаҳволӣ, салоҳи ҳол, хайрият ва офиятмандӣ.

4 Ин мафҳум унсури муҳими ҷаҳонӣ будани рисолати Ислом аст. Чуноне, ки дар Қуръони карим омадааст, Паёмбар (с) ба тамоми мардум фиристода шудааст, на ба як гурӯҳи муайян (Аъроф, 158; Сабо, 28).

5 Қуръони карим ошкор мефармояд: "Ва ҳар қавмеро раҳбарест" (Раъд, 7). Ҳамчунин мефармояд: "Ҳар чӣ дар бораи ту мегӯянд, дар бораи паёмбарони пеш аз ту низ гуфтаанд. Албатта, Парвардигори ту ҳам омурзанда аст ва ҳам соҳиби уқубатест дардовар!" (Фуссилат, 43). Ин ояти шариф ба асосҳои ҷаҳонбинии динӣ ишора мекунад, ки мутобиқи вазъият ва шароити макону замон дар баъзе ҷузъиёти он тағйирот эҷод шудааст.

6 Ниг.: Hausman and McPherson. 1993. P. 693.

7 Ниг.: Easterlin. 2001. P. 472. Инчунин: Easterlin. 1974 and 1995; Oswald. 1997; Blanchflower and Oswald. 2000; Diener and Oishi. 2000; Kerry. 1999.

8 Ин талабот, илова бар талаботи дигар, шомили озуқаворӣ, оби тоза, либоси муносиб, манзили бароҳат бо шароити зарурӣ, тандурустӣ, нақлиёт, маориф ва муҳити солим ва тоза мешавад.

9 Мақосид (чамъи "мақсад") — ҳадаф, ният, мурод, матлуб, он чӣ, ки қасд ва ирода мекунанд.

10 Аз барҷастатарин шахсоне, ки *мақосиди* шариатро баррасӣ кардаанд: Мовардӣ (974 — 1058), Каффоли Шошӣ (904 — 975), Боқилонӣ (940 — 1013), Ҷувайнӣ (1028 — 1085), Ғазолӣ (1058 — 1111), Фахриддини Розӣ (1149 — 1209), Омидӣ (1156 — 1233), Изуддин Абдуссалом (1181—1262), Ибни Таймия (1263 — 1328), Шотибӣ (1320 — 1388), Ибни Ошур (1879 — 1973). Бархе аз донишмандони муосир низ дар ин бора изҳори назар кардаанд. Ниг.: Масъуд. 1997; Райсунӣ. 1992; Ибни Хуҷа. 2004. Ҷ. 2. С. 79-278; Ниёзӣ. 1994. С. 189-268; Ходимӣ. 2005; Авда. 2006.

11 Масолеҳ (чамъи "маслиҳат") — дурустӣ, беҳбудӣ; фоида; кори хайр, кори салоҳ, кори нек.

12 Мафосид (чамъи "мафсада") — табоҳӣ, вайронӣ, бетартибӣ, зишткорӣ, бадахлоқӣ; фитна, балво, исён, саркашӣ.

13 Ҳамаи фақеҳон, беистисно, дар ин бора иттифоқи назар доранд. Масалан, ниг.: Абдуссалом. Ҷ. 1. С. 3-8; Ибни Ошур. С. 229, 274; Надвӣ. Ҷ. 1. С. 480.

14 Ғазолӣ. ал-Мустасфа. 1937. Ҷ. 1. С. 139-140; Шотибӣ. Ҷ. 1. С. 38; Ҷ. 3. С. 46-47.

15 Абдусалом. Ҷ. 1. С. 46; Шотибӣ. Ҷ. 2. С. 394; Зарқо. 1967. С. 784, 1088; Надвӣ. 2000. Ҷ. 1. С. 480.

16 Ниг.: Райсунӣ. 1992. С. 42.

17 Шотибӣ дар саҳифаи 38-и ҷилди 1 аз тартиби Ғазолӣ пайравӣ намудааст, аммо дар саҳифаҳои 46 ва 47-и ҷилди 2 ба ин тартиб онҳоро зикр кардааст: дин, нафс, насл, мол ва ақл. Аз ин ҷо бармеояд, ки Шотибӣ тартиби Ғазолиро муҳим ва ҳатмӣ намедонист. Тартиб мумкин аст бо

тавачҷуҳ ба ҳадафи баҳс тағйир ёбад. Инчунин ниг.: Райсунӣ. 1992. С. 41-55. Бавижа, ба саҳифаи 48 аҳамият дода шавад.

18 Розӣ. 1997. Ҷ. 5. С. 160. Тартиби ӯ чунин аст: нафс, мол, насаб, дин ва ақл. Ӯ насабро дар ҷои насл гузоштааст. Насл назди Ғазолӣ ва Шотибӣ ба маънои насли оянда аст. Бинобарин, насл нисбат ба насаб маънои фаротаре дораду беҳтар аст.

19 Ниг.: Ибн ʻАбд аль-Барр (978 — 1070). 1952. Ҷ. 14. С. 24-31; Ибни Ошур. 2001. С. 261-266.

20 Масъалаҳои ҷабргароӣ ва масъулияти инсон, ки аз ҷониби як қатор муаллифон муноқиша шудаанд, дар китоби "Determinism and freedom in the Age of Science Modern"-и Сидни Ҳук ҷамъоварӣ шудаанд. Ин маҷмӯа аз мақолоти файласуфони муосир иборат аст. Ҳамчунин ин масоли дар китоби "Free Will"-и Уолш Ҷеймс ва Сидни Моргенбессер (1992) мавриди баҳсу мунoқиша қарор гирифтааст. Дар ин китоб баҳсу мунoқишаҳои нависандагони гузашта ва муосир бо диққати тамом ҷамъоварӣ ва бавижа барои донишҷӯён омода шудааст. Инчунин ба "Free Action"-и асари А.Ҷ. Алден (1961) муроҷеа кунед, ки шомили таҳлилҳои васеъ ва амиқ дар бораи назарияҳоест, ки ҳамеша мавзӯи баҳси озодии ирода буданд. Гарчанде нависанда мустақиман кӯшиши исбот кардани озодии иродаи инсониро накардааст, аммо ӯ асосҳои вижаи назарияҳои ҷабргароиро, ки ба таври васеъ пазируфта шудаанд, интиқод кардааст.

21 Ниг.: Chapra. 1992. PP. 202-206.

22 Ниг.: Sartre, Jean-Pall. Being and Nothingness / Тарҷумаи Hazel Barnes. 1957.

23 Ниг.: Stevenson. 1974. PP. 78-90. Ҳамчунин ниг.: Sartre. 1957. PP. 439, 615.

24 Ҳамон. С. 38.

25 Таҳқиқоти эмпирикӣ собит кардаанд, ки сатҳи баланди илтизом ва фаъолиятҳои динӣ ба саломатии равон, коҳиши

фишор ва қаноатмандӣ аз зиндагӣ робита дорад (Ellison. 1991 and 1993; Iannaccone. 1998).

26 Ин оят ишора мекунад, ки куфр ва ширк маънои зулм дар баробари Худованд аст, чуноне, ки бархе аз муфассирон ин ҳақиқатро баён кардаанд, ба монанди Қуртубӣ (1214 — 1273) ва Ибни Касир (1301 — 1373). Ба ҳар сурат, Қуръони карим ва суннати Паёмбар бар аҳамияти адолат барои ҳар фард ва ҳар чизи дигар таъкид мекунанд, то тамоми башарият ва дигар офаридаҳои Худовандӣ шомили муҳтавои ин ояти шариф бошанд. Теъдоде аз уламои муътазила бо тафсири ин оят, ки Фахриддин Розӣ дар "Тафсири кабир"-и худ (Ҷ. 7. С. 60) кардааст, назари мувофиқ доранд.

27 Муслим. Саҳеҳ. 1996. Ҷ. 4. С. 56. Китоб ал-бир ва ас-сила ва ал-одоб. Боби таҳрими зулм. Нақл аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ. Паёмбари Худо (с) дар ин ҳадис калимаи "зулумот"-ро (торикиҳо) зикр кардааст. Зулумот (торикиҳо) ҷамъи "зулмат" (торикӣ) аст ва ба чанд табақаи зулумот ишора мекунад, ки дар ниҳоят ба дараҷаи торикии мутлақ мерасад, чуноне, ки дар Қуръони карим (Нур, 40) ба он ишора шудааст.

28 Ниг.: Chapra. 1985. PP. 27-28.

29 Мовардӣ. Адаб ад-дунё ва ад-дин. 1995. С. 125.

30 Ибни Таймия. Маҷмӯъ ал-фатово. Ҷ. 8. С. 177. Инчунин ниг.: Ибни Таймия. Минҳоҷ ас-сунна. 1986. Ҷ. 5. С. 127.

31 Ибни Таймия. ал-Ҳусба фи ал-ислом. 1967. С. 94.

32 Ибни Халдун. Муқаддима. С. 28.

33 Тамоми ин арзишҳо дар Қуръони карим ё суннати Паёмбар ва ё дар ҳарду мавриди таъкид карор гирифта ва онҳо ҷузъи ҷудонашавандаи дидгоҳи ҷаҳонии Ислом ҳастанд ва ҳар касе, ки онҳоро риоя накунад, мусулмони масъул шумурда намешавад.

34 Ибни Касир. 1981. Тафсири ояти 13-и сураи "Ҳуҷурот". Ҷ.3. С. 365.

35 Тантовӣ, Алӣ ва Тантовӣ, Ноҷӣ. Ахбори Умар. 1959. С. 2.

36 Дар Қуръони карим ба таври равшан омадааст: "Дар миёни ҳар миллате паёмбаре фиристодем" (Наҳл, 36). Инчунин омадааст: "Пеш аз ту паёмбароне фиристодаем. Достони баъзеро бароят гуфтаем ва достони баъзеро нагуфтаем" (Ғофир, 78; Нисо: 164). Дар ҳадисе, ки онро Абузар (р) ривоят мекунад, омадааст, ки Худованд ба ин дунё дар замонҳои мухталиф ва ба умматҳои мухталиф 124 ҳазор паёмбар фиристодааст. (Ниг. Ибни Касир. Тафсири ояти 64-и сураи "Нисо"). Дини Ислом ягона динест, ки тамоми паёмбарони Худовандро қабул ва эътироф дорад.

37 Ниг.: North. 1990. PP. 93-94.

38 Ниг.: Chapra. Muslim Civilization: The Causes of Decline and Need for Reform. 2008.

39 Суютӣ (1445 — 1505) онро дар "ал-Ҷомеъ ас-сағир" аз Анас ибни Молик ривоят кардааст ва мувофиқи чизест, ки Абу Наим онро дар "ал-Ҳидоя" зери калимаи "Қоида" овардааст. С. 89.

40 Масалан, ниг.: Ибни Ҳазм. Ҷ. 6. С. 156, 725.

41 Шотибӣ. Ҷ. 2. С. 177. "Худованд инсонҳоро барои анҷоми заруриёти умумӣ халифа гузоштааст".

42 Дар бораи ин истилоҳот ниг.: Шотибӣ. Мувофақот. Ҷ. 2. С. 8-12; Zarqa, Anas. "Islamic Economics: An Approach to Human Welfare", in K. Ahmad. 1980. PP. 13-15; Банно, Ҳасан. Маҷмуъ ар-расоил. 1989. С. 268; Ҳадис ас-суласо. 1985. С. 410; Mawdudi, Sayyid Abul A'la. Islam awr Jadid Ma'ashi Nazariyyat. 1959. PP. 136-140.

43 Дар бораи манъи исроф ниг.: Аъроф, 31; Исро, 26-27; Фурқон, 67. Паёмбар (с) низ исрофро манъ кард ва ба соддаву фурӯтан будан дар ҳаёт ташвиқ намуд. Ӯ (с) таъкид мекард, ки бар ҳадар додани даромад на танҳо дар замони камёбӣ ва нодорӣ, балки дар замони фаровонӣ ҳам ҳаром аст. (Табрезӣ. Мишкот ал-масобеҳ. 1966. Ҷ. 1. С. 133. Ҳадиси 427). Паёмбари Худо (с) гуфт: "Худованд ба ман фар-

муд, ки фурӯтан бошед. Касе худро бар касе дигар шоиста набинад ва касе бар касе фахр накунад". (Абу Довуд. Сунан. 1952. Ҷ. 2. С. 572. Ривоят аз Иёз ибни Ҳимор). Ҳамчунин ӯ (с) фармуд: "Худованд ба касе, ки либосашро аз рӯи кибру ғурур (ба рӯи замин) бикашад, назар намекунад" (Бухорӣ. Саҳеҳ. Ҷ. 7. С. 182; Муслим. Саҳеҳ. 1955. Ҷ. 3. С. 42. Ҳадиси 1651). Инчунин ӯ (с) фармуд: "Касе, ки либосеро аз рӯи тавозуъ тарк кунад, ҳарчанд тавони пӯшидани онро дошта бошад, Худованд ӯро рӯзи қиёмат дар пеши чашми мардум садо мекунад ва ба ӯ пешниҳод мекунад, то ҳар ҷомаи имоне, ки бихоҳад, бипӯшад". (Тирмизӣ. Сунан. Китоби зуҳд; Муборакфури. Туҳфат ал-Аҳвазӣ. Ҷ. 3. С. 312-313. Ривоят аз Муоз ибни Анаси Ҷуҳанӣ). Ӯ (с) низ фармудааст: "Бихӯред, бинӯшед, садақа кунед ва бипӯшед бе ин, ки исроф ва фахрфурӯшӣ кунед" (Суютӣ. ал-Ҷомеъ ас-сағир. Ҷ. 2. С. 96. Ривоят аз Ибни Умар. Аҳмад ин ҳадисро дар "Муснад", Нисоӣ дар "Сунан", Ибни Моҷа дар "Сунан" ва Ҳоким дар "Мустадрак"-и худ овардаанд. Ҳамин гуна Қуръони карим ва суннати Паёмбар шеваи зиндагии содаро бартар медонанд. Натиҷа ва хулосаи фуқаҳо ин аст, ки кибру ғурур кардан ба дигарон ва зиндагии пуршукӯҳу шуҳрат хостан ҳаром аст. (Ниг.: Сархасӣ. ал-Мабсут. Ҷ. 30. С. 266-268. "Китоб ал-касб"-и Шайбонӣ). Хулоса ин, ки фасодкорӣ, исрофкорӣ, кибру ғурур дар моли ба роҳи ҳалол ба даст оварда ҳаром аст. Далели ҳаром будани фасод ин аст, ки Худованд мефармояд: "Дар он чӣ Худоят арзонӣ дошта, сарои охиратро биҷӯй" (Қасас, 77). Далели ҳаром будани исроф ин аст, ки Худованд мефармояд: "Ва исроф макунед" (Анъом, 141); "Ва онон, ки чун нафақа мекунанд, исроф намекунанд" (Фурқон, 67). Далели ин, ки исроф ифрот ва зиёдаравӣ аст, ин аст, ки Худованд мефармояд: "Ва ҳеҷ исрофкорӣ макун" (Исро, 26) (Сарахсӣ. Мабсут. Ҷ. 30. С. 266). Худбузургбинӣ ҳаром аст, тафохур ва такосур (яке бар дигаре фахр кардан) ҳаром аст. Чуноне, ки аз исроф ва зиёдаравӣ дар таом манъ шудааст, худбузургбинӣ ва тафохуру такосур дар тарзи либоспӯшӣ низ манъ шудааст. Ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) ду навъ либосро манъ

фармуд ва мақсади ӯ ин буд, ки либос набояд он қадар зебо ё зишт бошад, ки мавриди таваҷҷуҳ ва нигоҳи мардум қарор гирад. Ин ду яке марбут ба исрофкорӣ ва дигаре ба хасисӣ аст. Беҳтарини корҳо ҳамон аст, ки миёна бошад ва ҳадди эътидол дар он риоя шавад. (Сарахсӣ. Мабсут. Ҷ. 30. С. 268. "Китоб ал-касб"-и Шайбонӣ).

44 Паёмбари Худо (с) аз гадоӣ манъ фармуд: "Аз мардум ҳеҷ чиз напурсед". (Абу Довуд. Сунан. 1952. Ҷ. 1. С. 382. Ривоят аз Авф ибни Молик). Ҳамчунин фармуд: "Дасти боло аз дасти поён беҳтар аст". (Бухорӣ. Саҳеҳ. Ҷ. 2. С. 133. Ривоят аз Абдуллоҳ ибни Умар). Ҳамчунин Паёмбари Худо (с) аз додани садақа ба касоне, ки ниёзманди ҳақиқӣ нестанд, ва касоне, ки солим ва тануманд ҳастанд, манъ намудааст: "Садақа додан ба сарватманд ва ба марди солими қавӣ ҳалол нест". (Абу Довуд. Сунан. 1952. Ҷ. 1. С. 379; Нисоӣ. Сунан. 1964. Ҷ. 5. С. 74; Ибни Моҷа. Сунан. 1952. Ҷ. 1. С. 589. Ҳадиси 1839). Паёмбар (с) касеро, ки барои касби рӯзии худ мекӯшад, сазовори эҳтиром донистааст: "Ҳар касе аз роҳи ҳалол ва барои дурӣ ҷустан аз гадоӣ барои хонаводааш ва меҳрубонӣ ба ҳамсоягонаш рузӣ касб кунад, дар рӯзи растохез бо Парвардигораш дар ҳоле мулоқот мекунад, ки рӯяш монанди моҳи шаби чордаҳ аст". (Табрезӣ. Мишкот ал-масобеҳ. 1966. Ҷ. 2. С. 658. Ҳадиси 5207. Ривоят аз Абуҳурайра. Байҳақӣ онро дар "Шуъаб ал-имон" овардааст).

45 Қуръони карим ба мусулмонон дастур медиҳад, ки пас аз адои намоз дунболи лутф ва рӯзии Худованд шаванд (Ҷумъа, 10). Чуноне, ки Паёмбари Худо (с) фармудааст: "Талаби ризқи ҳалол бар ҳар мусулмон воҷиб аст" (Суютӣ. ал-Ҷомеъ ас-сағир. С. 54. Ривоят аз Анас ибни Молик). Бар ҳамин мазмун низ фармудаи ӯ (с) аст: "Ҳеҷ даромаде барои инсон беҳтар аз даромади кори худаш нест" (Ибни Моҷа. Сунан. 1952. Ҷ. 2. С. 723. Ҳадиси 2138. Ривоят аз Миқдом ибни Маъдикариб). Мувофиқи роҳнамоиҳои Паёмбари Худо (с), такя ба Худо маънои онро надорад, ки мусулмон бояд аз саъйу талош худдорӣ кунад. Мусулмон

бояд тамоми талоши худро бикунад ва сипас таваккул бар Худо дошта бошад, то ба беҳтарин натиҷа даст ёбад. Ба ёд дошта бошем вокуниши Паёмбари Худоро, вақте дид марде шутурашро ба гумони ин, ки Худо онро нигоҳ медорад, раҳо кард. Паёмбари Худо (с) ба ӯ фармуд, ки нахуст шатурашро бибандад сипас ба Худо таваккул кунад. Халифаи дуюм Умар (р) роҳи касби рӯзӣ тибқи таълимоти исломиро ин гуна баён намудааст: "Ҳеҷ кас набояд ба умеди ин, ки ризқ худаш меояд, бинишинад ва бигӯяд: "Парвардигоро, ба ман рӯзӣ бидеҳ". Аз осмон тилло ва нуқра намеборад, балки Худованд ба яке ба воситаи дигаре медиҳад". (Тантовӣ, Алӣ ва Тантовӣ, Ноҷӣ. Ахбори Умар. С. 268). Касе гумон кунад, ки ҳақиқати таваккул тарки кор аст, мухолифи шариат рафтор кардааст. Паёмбари Худо (с) ба марде, ки гуфт шутурашро раҳо мекунаду ба Худо таваккул мекунад, фармуд: "Не, балки онро бибанд ва сипас таваккул кун". (Сарахсӣ. ал-Мабсут. Ҷ. 30. С. 249. "Китоб ал-касб"-и Шайбонӣ).

46 Аз Ибни Умар (р) омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: "Худованд муъмини боҳунарро дӯст медорад". Табаронӣ онро дар "ал-Муъҷам ал-кабир" ва Байҳақӣ дар "Шуъаб ал-имон" овардаанд. Мунзирӣ. Тарғиб ва тарҳиб. Ҷ. 2. С. 524.

47 Зикри рӯйхати пурраи истинодҳои фақиҳон метавонад бисёр тул кашад, аммо хонандаи кунҷков метавонад ба китобҳои зерин муроҷиа намояд: Сарахсӣ. ал-Мабсут. Ҷ. 30. С.344-387. "Китоб ал-касб"-и Шайбонӣ. Бавижа саҳифаҳои 245, 250 ва 256; Ғазолӣ. Эҳёи улуми дин. Ҷ. 2. С. 60-64; Шотибӣ. ал-Мувофақот. Ҷ. 2. С. 176-177; Убодӣ. 1974-1975. Ҷ. 2. С. 22-25.

48 Қуръони карим барои зан калимаи "ҳамсар ва шарики зиндагӣ"-ро ба кор бурдааст, то ба мо нишон диҳад. ки зан шарики зиндагӣ, дӯст ва рафиқ аст, на шахсе, ки танҳо истифода бурда мешавад ё як шахси вобаста. Ҳамин гуна, адабиёти фиқҳӣ издивоҷро ин гуна маънидод кардааст: "Ақди никоҳ шартномаи издивоҷ (дугонагӣ) аст, ки дар асл

бар баробарӣ асос ёфтааст". Мақсад аз издивоҷ муширикат аст. (Сархасӣ. ал-Мабсут. Ҷ. 5. С. 109). "Зан ва шавҳар ду шарики ҳамкор дар манофеъ ҳастанд" (Қарофӣ. аз-Захира. Ҷ. 13. С. 34). Ин истинодҳои фиқҳиро дӯстам доктор Сомӣ Сувайлим ба ман нишон дод.

49 Паёмбари Худо (с) фармудааст: "Беҳтарини шумо ҳамон аст, ки накутарин ахлоқро дошта бошад" (Бухорӣ. Саҳеҳ. Ҷ. 8. С. 15. Китоби одоб. Боби "Лам якун ан-набӣ фоҳишан ва ло мутафаҳҳишан").

50 Таҳқиқоти таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки пойбанди дин будан омили пасттарин сатҳи талоқ ва баландтарин сатҳи суботи заношӯӣ будааст. (Innaccon. 1998; Lehrer and Cheswick. 1993; Gruber. 2005).

51 Аз Оиша (р), Баззор (р) ва Анас (р) ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: "Занҳо хоҳарони мардон ҳастанд" (Суютӣ. ал-Ҷомеъ ас-сағир. Ҷ. 1. С. 102. Аҳмад, Абу Довуд ва Тирмизӣ низ онро овардаанд).

52 Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) омадааст, ки Паёмбари Худо (с) дар Хутбаи видоъ (охирин хутба) фармуд: «Дар муносибат бо занон аз Худо битарсед, ки онҳоро аз Худо амонат гирифтаед ва шармгоҳашонро бо каломи Худо барои худ ҳалол сохтаед». Муслим. Саҳеҳ. Китоби ҳаҷ. Боби ҳаҷҷи Набӣ (с). Ҷ. 2. С. 889. Ҳадиси 147; Ибни Моҷа. Сунан. Китоби маносик. Боби сифати ҳаҷҷи Набӣ (с); Аҳмад. Муснад.

53 Матни ҳадис ин аст: "Ман шуморо аз ҳаққи ду заиф бозмедорам: ятим ва зан". Ҳоким. Мустадрак. Китоби имон. Ҷ. 1. С. 63. Ривоят аз Абуҳурайра. Ин ҳадис мувофиқи меъёрҳои Муслим саҳеҳ аст.

54 Аз Ибни Аббос (р) омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: "Касеро духтаре бошад ва ӯро зинда ба гур накунад, ӯро хор накунад ва писарашро бар ӯ боло нагузорад, Худованд ӯро вориди биҳишт мекунад". Ин ҳадисро Абу Довуд ва Ҳоким овардаанд. Мунзирӣ. Ҷ. 3. С. 86. Ҳадиси 29.

55 Бухорӣ. Саҳеҳ. Китоби либос. Боби "Мо кона ан-Набӣ ятаҷаваз мин ал-лубси ва ал-баст". Ҷ. 4. С. 281. Ҳадиси 735.

56 Ниг.: Toynbee. Somervell's abridgement. 1958. Vol. 2. P. 380; Vol. 1. PP. 495-96.

57 Ниг.: Will and Ariel Durants. 1968. P. 51.

58 Ниг.: Schadwick. 1975. PP. 229, 234.

59 Ниг.: Williams. 1985. P. 174.

60 Дар ин мавзӯъ адабиёти зиёд вуҷуд дорад, ки ин ҷо имкони гунҷонидани ҳамаи онҳо нест. Масалан, ниг.: Chapra. 2007a; 2007b.

61 Муҳаррирони нашрияи "Europe Cotemporary in Religion" иқрор шуданд, ки оғози анҷоми душмании дусадсола бо динро мебинанд (Fulton and Gee, 1994).

62 Ниг.: Schweitzer. 1949. P. 22.

63 Ниг.: Schweitzer. 1949. PP. 22-23, 38-39, 91.

64 Ниг.: Friedman. 2005.

65 Мовардӣ. 1955. С. 121. Ибни Ошур зикр намудааст: "Яке аз *мақосиди шариат* аз қонунгузорӣ ин аст, ки бар мардум таъсиргузор ва мавриди эҳтироми ҳама бошад. Бояд дониста бошем, ки манфиати мавриди назар бе таъсир ва эҳтироми он ба даст намеояд" (Ибни Ошур. С. 376).

66 Бухорӣ. Саҳеҳ. Ҷ. 9. С. 80. Китоби ал-Аҳком. Боби "Ман устуръия раъия фалам янсаҳ". Ривоят аз Маъқил ибни Ясор.

67 Банно, Ҳасан. Маҷмуъат ар-расоил. 1989. С. 255.

68 Ғазолӣ. Эҳё улум ад-дин. Ҷ. 1. С. 83.

69 Ибни Таймия. Маҷмуъ ал-фатово. Ҷ. 11. С. 490.

70 Ҳамон.

71 Зарқо, Мустафо. Ақл ва фиқҳ. 1996. С 14.

72 Ҷувайнӣ, Абдулмалик. Ғиёс ал-умам фи илтияс аз-зулам Зери таҳрири Абдулазим Диб. 1400 ҳ. Ҷ. 1. С. 295.

73 Ибни Ошур. Мақосид аш-шариъа ал-исломия / Зери таҳрири Муҳаммад Тоҳир Мисовӣ. — Урдун: Дор ан-нафоис, 2001. Т. 2. С. 165-166.

74 Ибни Абдулкарим, Абулфазл Абдуссалом ибни Муҳаммад. ат-Таҷдид ва ал-муҷаддидун фӣ усул ал-фиқҳ. — Қоҳира: ал-Мактаба ал-исломия. С 576-577.

75 Ҳадиси якум аз Анас ибни Молик (р) ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: "Талаби илм бар ҳар мусулмон фарз аст" (Ибни Моҷа. Ҷ. 1. С. 81. Ҳадиси 244. Муқадима. Боби "Фазл ал-уламо ва ал-ҳас ъало талаб ал-ъилм"). Ҳадиси дуюм аз Абу Дардо (р) омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: "Фазли олим бар обид монанди фазли маҳтоб бар ҳамаи ситорагон аст" (Ҳамон марҷаъ. Ҳадиси 223).

76 Абу Зуҳра. Усул ал-фиқҳ. 1957. С. 350.

77 Таҳқиқоти амалӣ нишон медиҳад, ки ҷавононе, ки дар оилаҳои пойбанд ба дин ба воя мерасанд, дар амалҳои ҷиноятӣ хеле кам дида мешаванд (ба монанди истифодаи маводи мухаддир, алкогол ё алоқаи ҷинсии пеш аз никоҳ). Ниг.: Iannaccon. 1998. P. 147; Bachmann. 2002; Wallace and Williams. 1997; Gruber. 2005; Fukuyama. 1997.

78 Қуртубӣ. Тафсир. Ҷ. 18. С. 149. Тафсири ояти 1-и сураи "Талоқ". Ривоят аз Ибни Умар (р).

79 Ҳамон. Ривоят аз Алӣ ибни Абу Толиб (р).

80 Ибни Моҷа. Сунан. Ҷ. 1. С. 31, 79.

81 Бухорӣ. ал-Адаб ал-муфрад. С. 103-113. Боби "Тиб ан-нафс".

82 Бухорӣ. Саҳеҳ. Китоби "ал-Мазолим". Боби "Ман қутила дуна молиҳи фаҳува шаҳид"; Муслим. Саҳеҳ. Китоби "Имон".

83 Розӣ. ал-Маҳсул. 1997. Ҷ. 5. С. 16.

84 Бухорӣ. Саҳеҳ. Китоби "ал-Ҷиҳод ва ас-сияр".

85 Бинобар ин буд, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: "Пойҳои банда дар рӯзи растохез аз ҷои худ намеҷунбанд, то ин, ки ӯ аз чор чиз пурсида шавад: аз илмаш, ки ба кадом андоза ба он амал кардааст; аз умраш, ки дар кадом роҳ онро фано кардааст; аз молаш, ки аз куҷо ба даст овардааст ва дар чи роҳе харҷ кардааст; ва аз чашмаш, ки дар нигоҳи чи чизе онро пӯсонидааст" (Абу Юсуф. Китоб ал-хироҷ. С. 4).

86 Ояти карим мефармояд: "Агар аз шумо моле талабад ва ба исрор ҳам талабад, он гоҳ бухл меварзед ва кинаҳои нуҳуфтаатонро ошкор месозад" (Муҳаммад, 37).

87 Ниг.: Crosland. 1974.

88 Ниг.: Ahmad. 2007. PP. 17-19; 32.

89 Ниг.: Гузориши Муассисаи исломии тадқиқот ва омӯзиш (2007).

90 Барои таҳлили бештари "Доираи сababӣ"-и Ибни Халдун ниг.: Chapra. 2000. PP. 145-159.

Ҳамин гуна барои мо равшан шуд, ки Ислом тамоми унсурҳои фалоҳи инсонӣ, аз ҷумла ҷон, *дин*, *ақл*, *насл*, *мол* ва дигар унсурҳои тобеъро баён кардааст ва танҳо бо *мол* иктифо накардааст. Ҳамаи ин унсурҳо бо ҳам вобаста ва пуштибони ҳамдигаранд. Дар ҳоли дастёбӣ ба пешрафт дар заминаи такмили ҳамаи ин унсурҳо мумкин аст ситораи панҷгӯшаи Ислом боз ҳам бештар ҷилвагар гашта, роҳи расидан ба фалоҳи башариятро фароҳтар созад. Танҳо дар ин сурат ҷаҳони Ислом метавонад бозтоби он чӣ бошад, ки Қуръони карим дар бораи Паёмбар (с) мегӯяд: "Мо туро ҷуз раҳмате барои ҷаҳониён нафиристодем" (Анбиё, 107).

Тамаркуз кардан танҳо бар рушди иқтисодӣ ва дар айни ҳол нодида гирифтани талаботи дигар барои расидан ба дидгоҳи исломӣ метавонад ба ҷаҳони Ислом имкон диҳад, ки дар кӯтоҳмуддат рушди баландтаре ба даст орад. Аммо пойдорӣ ва устувории дарозмуддати он аз сабаби афзоиши нобаробарӣ, парокандагӣ ва фурӯпошии оила, базаҳкории ноболиғон, ҷинояткорӣ ва ноороми ҳои иҷтимоӣ имконнопазир мешавад. Ва ин таназзул метавонад ба воситаи "доираи сабабӣ", ки Ибни Халдун дар "Муқадима"-и худ бар он исрор кардааст,[1] тадриҷан ба тамоми соҳаҳои сиёсат, ҷомеа ва иқтисод интиқол ёбад ва дар ниҳоят боиси он шавад, ки тамаддуни исломӣ аз сатҳи пасти кунунии худ, ки дар натиҷаи таназзули чандинасра ба он расидааст, боз ҳам пасттар шавад.

9 789967 089952